ХИЗМАТИ ҲАРБӢ. НАҚШАИ ДАЪВАТ 50% ИҶРО ШУД с.2

ҚИРҒИЗИСТОН НА МЕҲМОН ШУДУ НА МИЗБОН с.4

МАИШАТИ ДОНИШҶӮ: РОЛТОН, ХОТ-ДОГ Ё ҚУРУТОБ? с. 9

ТОҶИКИСТОН

сол бо шумо


№41 (1500)
12.10.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

1992-2022

ИНТЕРНЕТ: СУРЪАТ ПАСТУ НАРХ БАЛАНД

Русҳо чаро аз Тоҷикистон мераванд?



АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО:
Вақте ба Душанбе меоям, гӯё ба хонаам омадаам
с.3

ДОНАЛД ТРАМП
Ҷанги сеюми ҷаҳон оғоз мешавад, агар…
с.4


ПУЛИ БЕ ДАРДИ МИЁН
Аз ҳиллаи қаллобон то машварати мутахассисон
с.5

КОРЕЯ Ё АМРИКО?
Муҳоҷирони тоҷик фаротар аз Русия кор меҷӯянд
с.8

СОҲИБА ДАВЛАТШОЕВА:
Садои Фалак бояд ба фалак расад
с.10

КАНЗИ ШИФО
Роҳҳои наҷот аз бемориҳои тирамоҳӣ
с.13

ВАРЗИШ
Аз каратэ то аспдавонӣ
с.15



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

НАҚШАИ ДАЪВАТИ НАВАСКАРОН АЗ 50% ГУЗАШТ

Нақшаи даъвати наваскарон ба сафи Артиши Тоҷикистон дар давоми даҳ рӯз беш аз 50% иҷро шуд.

Сардори Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Тоҷикистон Фаридун Маҳмадализода гуфт, ки «нақша дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз дар нахустин рӯзи даъват пурра иҷро шуд. Хушбахтона, ин вилоят тайи чанд соли охир аст, ки иҷрои нақшаро дар кишвар пеш аз муҳлат ва дар рӯзҳои нахустини ин маъракаи муҳими сиёсӣ аввалин шуда иҷро мекунад».

Номбурда афзуд, ки тайи даҳаи аввали моҳи октябр навоҳии Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Сангвору Лахш ва шаҳри Ҳисор низ нақшаро пурра иҷро карда, дар умум иҷрои даъват ба Артиши миллӣ дар навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ба 62% баробар шудааст.

«Дар вилояти Хатлон иҷрои нақша 51%-ро ташкил дод, аз ҷумла ноҳияҳои Данғараву Вахш онро пурра иҷро карданд. Нақшаи даъват дар шаҳри Душанбе 48 ва дар вилояти Суғд 38 дарсадро ташкил медиҳад»,- гуфт Фаридун Маҳмадализода.

Даъвати тирамоҳӣ ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли равон оғоз гардида, давоми ду моҳ идома меёбад.



ҲАЙАТИ ҚИРҒИЗИСТОН БА ТОҶИКИСТОН ОМАД

Барои аломатгузорӣ (демаркатсия)-и сарҳад байни Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳайати ду кишвар дар Тоҷикистон ба сари мизи музокирот нишастаанд.

Дар ин бора хадамоти матбуоти вилояти Суғд хабар медиҳад. Ба гуфтаи манбаъ, ҳоло як ҳайати ҷониби Қирғизистон дар Душанбе қарор дорад ва дар давоми 4 рӯз аломатгузории марзи боқимонда байни Тоҷикистон ва Қирғизистонро баррасӣ хоҳанд кард.

Бояд гуфт, ки бештар аз 500 километр марзи Тоҷикистону Қирғизистон то ҳол таъйину аломатгузорӣ нашудааст. Муноқиша ҳам барои замину обу чарогоҳ ва ҳаракат дар минтақаҳои беаломат сар мезанад.

КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ХУҶАНД ЗИЁД ШУДАНД

Давоми 9 моҳи соли равон дар шаҳри Хуҷанд 16 корхонаи нави истеҳсолӣ таъсис ёфтааст.

Акнун шумораи умумии корхонаҳои саноатии шаҳри Хуҷанд ба 184 адад мерасад, ки танҳо аз ҳисоби корхонаҳои нав бунёдгашта 195 нафар шаҳрванд бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудаанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби 92 корхонаи хурду калон маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба маблағи 544,4 млн сомонӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригашта 106,1 млн сомонӣ ё 24,2 фоиз зиёд мебошад.

1,5 ҲАЗОР МЕДАЛ ДАР ЯК СОЛ

Давоми 9 моҳи аввали соли равон беш аз 5,7 ҳазор хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Ин нуктаро вазири маориф ва илми Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар ҷаласаи Шӯрои мушовараи ниҳоди зертобеаш хабар додааст. Гуфта мешавад, ки хонандаҳо дар 27 олимпиадаи фаннии бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ иштирок карда, 1585 медал ба даст овардаанд. Аз ин шумора 259 медали тило, 593 медали нуқра ва 733 медали биринҷӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, шумори мақомҳои ифтихории хонандаҳои тоҷик нисбат ба соли гузашта 938 адад афзудааст.

Саидзода гуфт, барои хонандаҳо дар дохил низ олимпиадаҳо ташкил карда шуданд. Таъкид шудааст, ки 24 олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ баргузор шуда, дар онҳо 6530 нафар хонанда иштирок намудаанд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН

ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН


САРИ САБЗ



Алишер ПӮЛОТЗОДА, директори КДФ «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Панҷакент»

- Бисёр муштариён аз оби нӯшокӣ дар рӯзгор хуб истифода бурда, вале мутаассифона, маблағро ҳар моҳ пардохт накарда истодаанд. Дар ин самт корбарӣ намуда истодаем.


- Дар ҷараёни корбариятон ҳатман дақиқ кунед, ки оё ҳамаи муштариён воқеан бо об таъминанд, ё ҷумакҳои обрезашонро занг хӯрдааст!?



Мадина НАЗАРОВА, натток, ҳуқуқшинос ва тоҷир

- Пешаи рӯзноманигорӣ имкон фароҳам меорад, ки ҳамчун чеҳраи шинохта либосҳои мағозаамро ба бар намуда, расм гирам ва муаррифӣ созам. Дар ин самт модел лозим намешавад.

- Баъзан бо тақозои пешаи рӯзноманигорӣ мақолаҳои таблиғотӣ ҳам нависед. Ба хотири ҳамкасбӣ, мағозаатонро бо тахфиф таблиғ мекунем.



Мусо ВИСТОҚАДАМОВ, варзишгари муҳорибаи омехта, самбо ва ҷудо

- Ҳар як ғолибият зинаи навбатӣ дар самти ҳадафҳои бузург аст. Дар ягон ҳолат ман ҳарифамро бо чашми кам нанигаристаам. Зиёд машқ мекунам ва омодагӣ мебинам.

- Омодагӣ дидanатон бисёр хуб асту маълум мешавад, ки аз ҳариф кам-кам тарсидаву ба худ пурра боварӣ надоштаед.

Александр Лукашенко:

ВАҚТЕ БА ДУШАНБЕ МЕОЯМ, ГӮЁ БА ХОНААМ ОМАДААМ

Сафари Президенти Белорус Александр Лукашенко ба Тоҷикистон, ки рӯзҳои 11 ва 12-уми октябр сурат гирифт, аз чанд ҷиҳат муҳим ва хотирмон буд. Пеш аз ҳама, ӯ ин навбат ҳам дар дидору мулоқот бо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон хеле самимӣ буд ва нисбат ба Тоҷикистон бо муҳаббат ҳарф зад. Аз ҷумла, Александр Лукашенко гуфт: «Вақте ки ба Душанбе меоям, гӯё ба хонаам омадаам». Ҳатто дар рӯзи аввали сафари расмӣ, тавре дар наворҳо дида мешавад, Александр Лукашенко дар намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва таомҳои миллӣ ба омода кардани оши палов машғул шуд.



Аз истиқболи расмӣ то рушди тиҷорат

Президенти Белорус Александр Лукашенкоро дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд. Баъдан, дар Қасри миллат меҳмони оликадрро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон истиқбол кард. Пас аз анҷоми маросими истиқболи расмӣ музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Белорус сурат гирифт.

Бино ба иттилои маркази матбуоти Сарвари давлат, дар ҷараёни музокироти хосаи сарони ду кишвар дар фазои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум, ки ба робитаҳои муосири байнидавлатии ду кишвар хос аст, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба дар ҳамаи арсаҳои манфиатҳои муштарак ва масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифт.


Сарони давлатҳо пешниҳод намуданд, ки фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Белорус оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ҷоннок карда шуда, Гуруҳи кории муштарак оид ба рушди ҳамкориҳои сармоягузорӣ ба кори худ шуруъ намояд.

(Давомаш дар саҳ.6)

ИНТЕРНЕТ: СУРЪАТ ПАСТУ НАРХ БАЛАНД

Русҳо чаро аз Тоҷикистон мераванд?

Ҳазорҳо шаҳрванди Русия, ки пас аз эълони басеҷ (басиҷ) ё сафарбаркунии неруҳои эҳтиётӣ ба артиш ба Тоҷикистон гурехтанд, дар фикри кӯчидан ба кишвари севум будаанд. Яке аз сабабҳои кӯчидан аз Тоҷикистон суръати паст ва нархи баланди интернет аст.



Тошканд беҳтар аз Душанбе

Никита Станиславов пас аз эълони басеҷ аз Маскав ба Душанбе омадааст. Ӯ мегуяд, ки ҳоло дар фикри рафтан ба Туркия аст: “Маро суръати бисёр сусти Интернет дар Тоҷикистон ба ташвиш овард. Ман фосилавӣ кор мекунам ва барои ман интернети босифат лозим аст. Дар ин ҷо нархи бастаҳои интернет хеле гарон аст. Илова бар ин, нарх хеле баланд. Ин вазъ водор мекунад, ки Душанбеи офтобӣ ва барои зиндагӣ мувофиқу арзонро бо Истамбул иваз кунам”.

(Давомаш дар саҳ.8)

МАВҚЕЪ



ФАЗЛИДДИН АСОЗОДА

ПОЧТА

Эҳё кардани ин навъи хидматрасонӣ имрӯз қаҳрамонист

Оғози ин ҳафта бозгашт ба як мавзуи хеле муҳим ва рӯзмарра хушҳолкунанда буд. Кадом мавзуъ?

Рӯзноманигор Рачаби Мирзо дар саҳифаи фейсбукии “Ахбор барои афкор” аз як дастури хело ҳам зарурии раиси шаҳри Душанбе ёдовар шуд. Гап сари он меравад, ки 9-уми октябри соли 2020 раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ супориш дода буд, то дар хонаҳои сокинони пойтахт қуттиҳои почта гузошта шаванд. Аз гуфтаҳои масъулини шаҳрдории пойтахти кишвар нақли қавл шуд, ки "қуттиҳои почта дар биноҳои нав низ аз ҳисоби бинокорони манзилҳо гузошта шуда, бе қуттиҳои почта комиссияҳо хонаҳоро ба истифода қабул намекунанд. Қуттиҳои нави почта дар якчанд корхонаҳои саноатии шаҳр сохта мешаванд".

Аммо, бино чизе нест, ки гум шавад. Як бор сари қадам ба даромадгоҳҳои биноҳо сар халонед, ку дар чандтои онҳо қуттиҳои почтаро мебинед!?

Фикр мекунам, воқеан, имрӯз эҳё кардани чунин навъи хидматрасонӣ қаҳрамонист. Ба кадом хотир? Ба чанд далел:

- Якум ва аз ҳама муҳим, назокату тартиб ва низоми фаъолият равшану лоиқи ситоиш мешавад.

- Дувум, такудав ва саргардониҳои мардум то ҷойе паси сар мешаванд.

- Савум, мавқеи “Почтаи тоҷик” намоёну сутуданӣ мегардад ва эътимоди барҳамхӯрдаи одамон ба хидматрасониҳои он ба ҷойгоҳи пешину мусбати худ бармегардад.

Аммо, ҳар чӣ набошад, дар пойтахт ба хайр аст. Зеро сокинон барои расонидани мурочиатҳояшон ба чойҳои лозима он қадар мушкилӣ намекашанд. Дастрасӣ ба нашрияҳо низ чандон мушкил нест. Мушкилоти марбути почта асосан хоси шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар аст.

(Давомаш дар саҳ.6)

НА МЕҲМОН ШУДУ НА МИЗБОН

Чаро Қирғизистон аз машқи СААД даст кашид?

Вазорати мудофиаи Қирғизистон, ки қабули низомиёни кишварҳои СААД-ро дар қаламраваш рад кард, аз иштирок дар размоиши созмон дар Тоҷикистон низ худдорӣ намуд. Коршиносон чунин муносибати Қирғизистонро ба ҳар шева шарҳ медиҳанд.



"Сарҳад-2022"

Қирғизистон дар размоиши муштараки неруҳои узви Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар Тоҷикистон иштирок нахоҳад кард. Дар ин бора Вазорати мудофиаи Қирғизистон хабар додааст.

Тамриноти муштараки "Сарҳад-2022" дар Тоҷикистон дар самти тайёрӣ ва гузаронидани амалиёти ҷангӣ барои нобудсозии гуруҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ гузаронида мешавад, ки ба қаламрави як кишвари узви СААД ҳамла кардаанд. Ба иттилои СААД, марҳилаи фаъоли размоиши мазкур дар тамрингоҳи Ҳарбмайдон аз 17 то 21-уми октябр баргузор мешавад. Теъдоди умумии ширкаткунандагони машқҳо дар Тоҷикистон ҳудуди 1000 нафар арзёбӣ шуда, беш аз 300 адад техникаи низомӣ ва вижа ҷалб карда мешавад. Вазифаҳои асосии Неруҳои зудамали муштарак иштирок дар рафъи таҷовузҳои берунаи ҳарбӣ ва гузаронидани амалиёти муштараки зиддитеррористӣ арзёбӣ шудааст.

Тоҷиконро намехоҳем...

Ин дар ҳолест, ки ахиран Қирғизистон мизбонии размоиши СААД бо ҳузури неруҳои низомии Тоҷикистонро низ рад кард. Ин тамринот таҳти унвони "Бародарии осебнопазир - 2022" аз 10 то 14-уми октябр дар тамрингоҳи "Эделвейс" ба нақша гирифта шуда буданд, аммо лағв гардиданд. Ҷониби Қирғизистон сабаби лағвашонро ба афкори ҷомеа дар мавриди номақбул будани ҳузури низомиёни тоҷик дар ин размоишҳо рабт дод.

"Қирғизистон бо СААД мушкиле надорад, сабаби лағви размоишҳои ин созмон аз ҷониби Бишкек даргириҳои ахири марзӣ бо Тоҷикистон мебошанд". Ин нуктаро муовини раиси Девони вазирони Қирғизистон Эдил Байсалов ба РИА "Новости" баён дошта, таъкид намудаст, ки Бишкек мушкиле бо узвият, рисолат ва оинномаи созмон надорад.

"Намешуд гӯем шумо наоеду қазоқҳо, русҳо ва белорусҳо биёед. Бинобар ин маҷбур шудем лағв кунем",- гуфт Байсалов.

Чунин тасмими Қирғизистонро коршиносон ба ҳар шева шарҳ медиҳанд. Бархе аз коршиносон мегӯянд, ки Қирғизистон бо чунин мавзеъгирӣ нишон медиҳад, ки бо Тоҷикистон бо роҳи сулҳ созиш карданӣ нест.

Содир Ҷабборов:

ТО САРИ ҚУДРАТАМ, ТАШИЕВ МЕМОНАД



Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов сарусадоеро, ки гӯиё президент ва раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии кишвар Қамчибек Ташиев ҷанҷол кардаанду ба тақсими қудрат шуруъ намудаанд, дурӯғ гуфт.

"Ӯ бе чуну чаро ҳама дастурҳои маро иҷро мекунад, зеро ман ба манофеи шахсӣ дастур намедиҳам. Ҳама чиз дар доираи манфиатҳои давлат анҷом мешавад",- афзуд Ҷабборов.

Вай тавзеҳ дод, ки гуруҳҳои муайяне ҳастанд, ки мехоҳанд ӯро бо Ташиев вориди ҷанҷол кунанд.

"То даме, ки ман дар сари қудрат ҳастам, Ташиев ҳам дар сари қудрат хоҳад буд",- гуфт Ҷабборов.

ҲУШДОРИ ДОНАЛД ТРАМП

Президенти пешини ИМА Доналд Трамп зарурати музокироти фаврӣ дар Украинаро таъкид намуда, дар акси ҳол аз ҷанги сеюми ҷаҳонӣ ҳушдор дод.

"Ҳоло мо низоъ миёни Русия ва Украина дорем. Бояд ба музокироти фаврӣ дар бораи хотимаи сулҳомези ҷанг пардозем",- гуфт ӯ зимни суханрониаш дар иёлоти Навада.

Ин дар ҳолест, ки ахиран раисҷумҳури Русия Владимир Путин низ мақомдорони Киевро ба музокирот даъват намуда, таъкид кард, ки натиҷаи раъйпурсии ахир мавриди баррасӣ қарор дода нахоҳад шуд.

ЗАН ДОВТАЛАБИ КУРСИИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Номзадии узви Шӯрои ҷамъиятии Остона Салтанат Турсунбекова ба мансаби президенти Қазоқистон пешбарӣ шудааст.

Турсунбекова масъалаҳои хушунати хонаводагиро дар Қазоқистон матраҳ мекунад. Ӯ лоиҳаи "Қазоқистони бидуни хушунат"-ро раҳбарӣ карда, ҳомии ҳуқуқ низ ба ҳисоб меравад.

Интихоботи пеш аз муҳлати Қазоқистон рӯзи 20-уми ноябри имсол баргузор хоҳад шуд. Президенти кунунии Қазоқистон Қосимҷомарт Токаев, раҳбари Пажуҳишгоҳи иқтисодии маҷмааи байналмилалии илмии Остона Майрам Кажикен, Нурлан Ауесбоев аз ҷониби Ҳизби умумимилии сотсиал-демократи Қазоқистон ва Жигули Дайрабоев аз ҳизби ҳукуматгарои "Ауил" номзадии худро ба мақоми президентӣ пешбарӣ кардаанд.

АВВАЛ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ, БАЪД ТАҲСИЛ

Туркманистониҳое, ки мехоҳанд дар донишгоҳҳои олӣ таҳсил кунанд, муваззаф шудаанд, ки аввал ба хизмати ҳарбӣ раванд.

Қабули дархости довталабон дар комиссариатҳои ҳарбии Туркманистон барои ба таъхир гузоштани хидмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ қатъ шуда, волидон огаҳинома мегиранд, ки фарзандони худро ҳатто аз донишгоҳҳои хориҷӣ баргардонанд.

БОМБАБОРОНИ УКРАИНА

Таҳдиди Ғарб ва паёми Путин



Субҳи 10-уми октябр неруҳои Русия Киев, Днепр ва дигар шаҳрҳои Русияро бомбаборон карданд. Ин ташаббуси Русия баъди таркиши пули Қрим, ки Русия онро ҳамлаи террористӣ унвон кард ва Украинаро муқассир арзёбӣ намуд, сурат мегирад.

Владимир Путин дар паёми видеоӣ гуфт, ки чунин тасмимро баъди пешниҳоди Вазорати дифои кишвар гирифтааст. Неруҳои Русия асосан иншооти алоқа ва баркро мавриди бомбаборон қарор додаанд.

Раиси шаҳри Киев Виталий Кличко гуфт, ки Русия ба ноҳияи Шевченко дар маркази Киев ҳамла кард. Антон Герашенко, мушовири раиси Вазорати корҳои дохилии Украина гуфт, ки дар натиҷаи ҳамлаи Русия қариб 20 нафар кушта ва беш аз 60 нафар захмӣ шудаанд.

Дар Киев ҳаракати қатораҳо ва метро қатъ карда шуд, ҳама истгоҳҳои метро ҳамчун паноҳгоҳ барои шаҳрвандон истифода мешаванд. Ҳоло кӯчаҳои марказии Киев бастаанд.

Бори охир Киев дар охири моҳи июн мавриди ҳамлаи мушакӣ қарор гирифта буд. Баъдан, артиши Русия ба ин шаҳр 14 мушак партоб кард. Пас аз таркиш дар пули Қрим аз ҷониби вазири мудофиаи Русия генерали армия Сергей Суровикин фармондеҳи нави неруҳои ҳарбии Русия дар Украина таъйин карда шуд.

Неруҳои Русия чандин иншооти барқии Украинаро дар вилояти Львов, Ивано-Франков, Каменски, Днепр, Ровенская ва Винитская бомбаборон кард. Вазорати дифои Русия гуфт, ки иншооти низомӣ ва низоми барқии Украинаро ҳадаф қарор дод. Ғарб дар идомаи ҳамла ба Русия ваъдаи кумаки ҳамаҷониба ба Украина кардааст.

ПУЛИ БЕ ДАРДИ МИЁН

аз ҳиллаи қаллобон то машварати мутахассисон

Парвиз дар бозор ба тиҷорат машғул аст. Ӯ нақл кард, ки рӯзе як ношинос дар мессенҷери “Фейсбук” навишт, ки барояш 1 миллион доллар фиристоданист. Аммо намедонад, ки онро чӣ гуна интиқол диҳад…



1 миллиони қаллоб барои тиҷорат

Барои ин, шахси ношинос аз Парвиз хоҳиш менамояд, ки корти бонкиро сурат гирифта, барояш фиристад. Зимнан, ваъда медиҳад, ки баъди интиқоли пул ҳатман ба Душанбе меояд ва дар пешрафти тиҷорататаш кумак хоҳад кард. Дар ҳамин ҳол, Парвиз ба ношинос мегӯяд, ки корт бо рақами телефонаш пайваст аст, агар пул интиқол додан мехоҳад, тариқи рақами телефон фиристад. “Ба рақами телефонам рамз омад. Дар идомаи рамз навиштаи “Некому его не передавайте!” таъкид мешуд. Он нафар исрор мекард, ки рамзро барояш дастрас намоям, вале дарк кардам, ки ҳадафи ин нафар дигар аст. Ӯ мехоҳад аз корти ман пул берун кашад. Ба он нафар гуфтам, ки тачрибаи кор бо низоми бонкиро дорам ва дастрас кардани рамз ба шахси сеюм мумкин нест. Баъд аз ин ӯ пай бурд, ки маро ба доми худ афтонида наметавонад, суҳбатро қатъ кард”, - ёдовар шуд Парвиз.

Парвиз ба истифодабарандагони шабакаи интернет машварат медиҳад, ки зимни хариду фурӯш тариқи сомонаҳо эҳтиётткор бошанд, то ба макри қаллобон наафтанд.

Ҳолати Парвиз бо Моҳрухсор Сатторова ҳам рух додааст. “Бо ману дугонаам низ чунин ҳолат рух дода буд. Хушбахтона, кортамон як сомонӣ ҳам надошт”,- мегӯяд ӯ.

Як қадам то ба доми қаллоб

Ёқуб Ҳалимов фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Ӯ низ чӣ гуна ба доми қаллобе афтоданашро чунин нақл кард:

- Интизори дӯсте дар қаҳвахонае будам, ки яке аз пайвандон занг заду нахуст хеле гилагузорӣ кард, ки аз ҳолаш хабар намегирам. Дар поёни гилагузориҳояш гуфт, ки дастгоҳеро тариқи интернет ба фурӯш гузоштааст ва харидоре аз шаҳри Хуҷанд занг задаву мехоҳад онро бихарад. Фақат намедонад, ки маблағро чӣ гуна ирсол кунад. Пайвандамон аз ман хоҳиш кард, ки оё имкон дорад он харидор маблағро ба суратҳисоби корти бонкии ман интиқол диҳад? Бе ҳеч дудилагӣ ризоият додам. Баъд аз чанд дақиқаи дигар рақами +79053072489 занг зад. Аз он тараф марде бо садои нарм ва итминонбахшу қотеъ, ки камтарин шубҳаро барои қаллоб буданаш боқӣ намегузошт, бо русӣ ба гап даромад. Бидуни муқаддима пурсид, ки замимаи мобилии кадом бонкро дорам: Душанбе-ситӣ ё Алиф-мобӣ? Ва замима ба кадом рақам пайваст аст? Мани содаи аз дунё бехабар ҳамаи маълумотро гуфтам. Ва ҳамин лаҳза дӯсте, ки дар интизораш будам, аз роҳ расида, фармони чой додем. Мехостам суҳбати телефониро тезтар қатъ кунам. Аммо аз он тарафи гӯшӣ марди рус бо ҳар баҳонае гуфтугӯро кашол медод: "Ман ҳоло қисме аз маблағро ба суратҳисоби шумо интиқол медиҳам, ҳоло ба телефони шумо рамзе меояд, онро ба касе нагӯед, фақат ба ман рақамҳоро гӯед, ман маблағро интиқол медиҳам, оё паёме омад ба телефон?".

> **ВАҚТҲОИ ОХИР АЗ ТАРАФИ ҚАЛЛОБОН ЗАНГҲО БИСЁР ШУДА ИСТОДААНД. ОНҲО АЗ НОМИ ХЕШОВАНДОН ВА НАЗДИКОНИ ШУМО ГАП ЗАДА, АЗ ШУМО БАРОИ ИНТИҚОЛ ДОДАНИ МАБЛАҒ СМС-РАМЗРО ТАЛАБ МЕНАМОЯНД.**

Посух додам, ки ҳанӯз паёме нест ва ҳам ваъда додам, ки дертар тамос мегирам. Илтимосу илтичо мекард, ки чанд сонияи дигар паёмро интизор шаваму якбора рамзро гӯям ва ба ҳамин корро тамом кунем. Бо вуҷуди борҳо нақли ин шеваи қаллобиро шунидан ҳанӯз дарк накарда будам, ки бо як қаллоб гуфтугӯ дорам.

Хотир ва эҳтироми дӯсти аз роҳ расида намегузошт, ки ҳатто як сонияи дигар суҳбати телефониро давом диҳам ва лоилоҷ гуфтугӯро қатъ кардам. Ва ҳамин лаҳза паёмак расид, ки дохилаш рамз буд. Вах! Акнун дарк кардам, ки рамзро ба он ҳамсуҳбати қаллоби бераҳми беинсоф гуфтан ҳамон буду аз чанд тангаи дар корти бонкӣ доштаам маҳрум шудан ҳамон!

Ҳоло фикр мекунам, ки чӣ чиз сипаре байни ману он қаллоб шуд, ки нохудогоҳ гуфтугӯро қатъ кардам ва рамзро ба ӯ нагуфтам: ба вақт аз роҳ расидани дӯст, суръати кунди хадамоти ширкатҳои мобилӣ, ки паёмакро чанд сония дертар ирсол карданд ё дахолати моваротабиӣ? Ман ба таври муъҷизавӣ аз ин дом раҳидам, аммо шумо ҳам зиракиро аз даст надиҳед ва қаллобро аз "бисмиллоҳаш" бишносед.

Аз қаллобӣ то машварати мутахассиси бонк

Баъзан муштариён кортро ҳам гум мекунанд ё рақами махфиро фаромӯш мекунанд. Пас, дар ин ҳолат онҳо чӣ кор кунанд? Дар посух ба ин суол ва чӣ гуна эмин мондан аз ҳар гуна хавфҳо Шуҳрат Холиқов, мутахассисси бонк чунин гуфт:

- Пеш аз ҳама, корт бехавф аст. Вақте ки ҳамён аз кисаатон гум шуд, дигар пайдо карда наметавонед, аммо агар корт гум шавад, пул дар суратҳисоб мемонад. Аммо мизоҷон набояд бепарво бошанд ва рақами махфиро бо корт якҷоя нигоҳ доранд. Мизоҷ бояд ба хизматрасонии смс - паём пайваст бошад, то аз амалиётҳои гузаронидашуда бохабар бошад. Вақте ки корт гум мешавад, тавассути смс - паём метавонад амалиёти корташро қатъ намояд. Ё тавассути маркази тамоси бонк амалиёти корташро боздорад. Баъдан метавонад ба бонк омада, корт ё рамзи махфиро барқарор намояд. Аммо боз ҳоло баъзан тавассути ҳар гуна сайтҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ қаллобоне пайдо шудаанд, ки аз мизоҷ маълумот мегиранд. Масалан, мегӯянд, ки рақами кортро сурат гирифта, барояшон фиристанд. Боз CVV код ва коди тавассути смс ба телефон омадаро пурсида мегиранд. Дар ин ҳолат мизоҷон набояд ба гапи чунин қаллобон дода шаванд.

Ҳушдори бонкҳо

Зиёд шудани қаллобон, ки бо ҳар роҳ мехоҳанд ақли мардумро дузданд, бонкҳоро низ нигарон кардааст. Ҳоло дар ростои авомфиребии қаллобон, мушоҳида менамоем, ки бонкҳо ба хотири эмин мондан аз ҳар гуна хавфҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ постҳои огоҳкунанда мегузоранд. Ҳатто, метавонем, ки чанд намунаи онҳоро ба хонанда гӯшрас намоем.

Ташкилоти молиявии “Ҳумо” таҳти унвони “Аз қаллобон эҳтиёт бошед!” дар мавриди истифода аз корти бонкӣ менависад, ки “Маълумоти корти худро махфӣ нигоҳ доред: муҳлати корт, пин-код ва рақами верификатсионии (CVV) корт”. Дар мавриди интиқоли маблағҳо бошад, бонк ба мизоҷон ҳушдор медиҳад, ки “вақти интиқол намудани маблағ рамзи тасдиқкунандаи онро ба шахсони сеюм нарасонед”.

Ба ҳамин монанд, ташкилоти молиявии “Арванд” ҳам мегӯяд, ки смс-рамзҳо ва маълумоти шахсии худро ба хеч кас нагӯед! “Вақтҳои охир аз тарафи қаллобон зангҳо бисёр шуда истодаанд. Онҳо аз номи хешовандон ва наздикони шумо гап зада, аз шумо барои интиқол додани маблағ СМС-рамзро талаб менамоянд. Огоҳ бошед, барои ба шумо фиристодани маблағ СМС-рамз лозим нест!”,- чунин омадааст дар саҳифаи бонк.

Роҳҳои ба доми қаллобон наафтодан кадомҳоянд?

Дар Тоҷикистон шумораи чиноятҳое, ки аз кортҳои бонкӣ маблағҳои пулиро тасарруф мекунанд, афзудааст. Бино ба маълумоти Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, вақтҳои охир аз ҷониби шахсони номаълум теъдоди содир намудани ҷиноятҳои қаллобӣ бо роҳи тасарруфи маблағҳои пулӣ аз кортҳои бонкии ҶСП «Душанбе Сити Бонк» зиёд шудааст. Вазорат шаҳрвандонро огоҳ менамояд, ки сабаби тасарруф гардидани маблағҳои пулӣ - ин нодуруст истифода намудани кортҳои бонкӣ аз ҷониби мизоҷон ва ба шахсони ношинос пешниҳод кардани рақами корти бонкӣ ва рамзи махфӣ мебошад.

«Бинобар ин, аз шаҳрвандон ва мизоҷони бонкҳо хоҳиш менамоем, ки чиҳати наафтодан ба доми қаллобон аз додани рақамҳои корти бонкӣ ва рамзи махфӣ ба шахсони ношинос ва тасодуфӣ худдорӣ намоед»,- гуфта мешавад дар иттилоияи ВКД.

Дорандагони кортҳои бонкӣ бояд дар хотир дошта бошанд, ки маълумот дар бораи корти худро, аз ҷумла ба хешовандон, шиносҳо ва шахсоне, ки барои кумак ташаббус нишон додаанд, ифшо кардан мумкин нест. Рақами мушаххаси шахсӣ бояд аз корт алоҳида нигоҳ дошта шавад.

Ба андешаи мутахассисони бонк, қаллобон усулҳои зиёдеро истифода мебаранд ва мехоҳанд пули бе дарди миёнро ба даст оранд. Барои бехатарӣ харидро тариқи интернет танҳо тавассути сайтҳои боэътимод анҷом додан лозим аст. Инчунин, мардум ҳеҷ гоҳ бевосита ба пайванди эълонҳои таблиғӣ клик накунанд. Бисёре аз хакерҳо барои ҷалби истеъмолкунандагон ва дуздии маълумоти онҳо ҳамлаҳои фишингиро истифода мебаранд. Амалиёти корти кредитии худро ҳар рӯз тафтиш кунанд ва харочотро бодиққат омӯзанд. Ҳамчунин, ба пайванд ва саҳифаи шахсони ношинос ва шубҳанок дар Ватсап, Вайбер, Телеграм ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ ворид нашаванд. Бехуда нагуфтаанд, ки “илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ”. Зудбоварӣ, хабарро носанҷидаву кӯркӯрона амал кардан теша бе решаи худ задан аст.



Усмон РАҲИМЗОДА

ВАҚТЕ БА ДУШАНБЕ МЕОЯМ, ГӮЁ БА ХОНААМ ОМАДААМ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Барои рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ташкили корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои маъдани куҳӣ, металлургия, сохтмон, саноати сабук ва хурокворӣ, дар самти кишоварзӣ ва таъминоти логистика, ки дорои захираҳои калон мебошад, зарур шумурда шуд.

Ҷонибҳо барои зиёд кардани ҳаҷми содироти меваю сабзавот ба бозори Белорус, инчунин таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Татбиқи лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, таҳкими ҳамкорӣ дар самти таъмини бозори Белорус бо нахи пахта ва дигар маҳсулоти коркарди саноатии пахта ва таъсиси корхонаи истеҳсоли қолинҳои Тоҷикистону Белорус аз самтҳои ояндадори робитаҳои дуҷониба номида шуд.

Аз фарҳангу маориф то вазъи минтақа

Зимни музокироти сатҳи олӣ ҷонибҳо ҳамчунин оид ба тавсеаи ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои афзалиятноки фарҳангию гуманитарӣ, илму маориф, робитаҳои муассисаҳои олии таълимӣ, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва баргузории рӯзҳои фарҳангӣ дар кишварҳои якдигар ҳавасмандии худро иброз доштанд.

Дар ҷараёни мулоқот бо иштироки ҳайатҳои васеъ, ҳамчунин ҷонибҳо муносибатҳои ҳамкории кишварҳоро дар ҷаҳорчӯби ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ баррасӣ карданд.

Вобаста ба таъмини амну субот дар кишварҳои якдигар ва минтақа, якбора афзудани таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва авзои сиёсии Афғонистон ҳамкории самарабахши дуҷониба ва бисёрҷониба байни ду кишвар тақозои замон номида шуд.

10 санади нави ҳамкорӣ

Дар ҳузури сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Александр Лукашенко дар шаҳри Душанбе санадҳои зерини байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расонида шуданд:

- Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитарӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи иҷроияи шаҳри Минск барои солҳои 2023-2024;

Ба ин санад Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ва Раиси шаҳри Минск Владимир Кухарёв имзо гузоштанд.

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорус оид ба низоми мусоидати савдои мутақобила;

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон;

- Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Белорус дар самти мубориза бо коррупсия;

- Созишнома байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати варзиш ва сайёҳии Ҷумҳурии Белорус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

- Барномаи "Харитаи роҳ" доир ба ҳамкории дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус барои солҳои 2022-2026;

- Низомномаи комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Белорус оид ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ;

- Созишнома оид ба ҳамкории илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Белорус вобаста ба тайёр кардани кадрҳо дар соҳаҳои вирусология, микробиология, биологияи молекулавӣ, эпидемиология, биотехнология ва фармакология;

- Созишномаи тафоҳум байни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии маркетинг ва арзишгузории Ҷумҳурии Белорус;

- Шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни ноҳияи Спитамени вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияи Могилёви вилояти Могилёви Ҷумҳурии Белорус.

Ҳамчунин, Александр Лукашенко дар ҳошияи сафараш ба Тоҷикистон бо Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоҳир Зокирзода дидору мулоқот дошт.

СОБИҚАДОРИ РАДИО ОТАБЕК ҒОИБОВ ДАРГУЗАШТ

Отабек Ғоибов, рӯзноманигор, барандаи ҷоизаи ба номи Лоҳутӣ, муҳаррири варзидаи бахши ӯзбекии радиои «Овози тоҷик» субҳи 12-уми октябр аз олам даргузашт.



Ӯ вақтҳои охир аз бемории дил азият мекашид. Отабек Ғоибов солиёни дароз дар радио фаъолият карда, саҳми боризе гузоштааст. Отабек Ғоибов соле пеш барои барномаҳои радио марбут ба робитаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии ӯзбеку тоҷик соҳиби Ҷоизаи миллии "Олтин қалам" (Қалами тилоӣ) дар соҳаи журналистика, дипломи махсус, нишони Олтин қалам, «статуэтка» ва мукофоти пулӣ гардида буд. Барои хизматҳои арзандааш дар радио моҳи сентябри соли равон бошад, бахшида ба 31-солагии Истиқлоли давлатӣ бо медали "Хизмати шоиста" сарафроз шудааст.

Аҳли қалами рӯзномаи "Тоҷикистон" ва сомонаи Pressa.tj аз даргузашти ҳамкасби худ андуҳгин буда, ба аҳли хонадон ва пайвандони эшон ҳамдардӣ баён мекунанд.

КАШФИ ДАСТНАВИСЕ ДАР БОРАИ АМИР ТЕМУР ДАР ДУШАНБЕ

Дар шаҳри Душанбе қадимтарин дастнавис дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Амир Темур пайдо шудааст - хабар медиҳад расонаи kun.uz.

"Нусхаи ин дастнависи нодир, ки аз Душанбе пайдо шудааст, ба Ӯзбекистон оварда шуда, бо кумаки муаррихони маъруф ва коршиносони маъхазшинос бодиққат омӯхта мешавад", – менависад манбаъ. Ин дастхатро доктори илмҳои филолгия, профессор Бадриддин Мақсудзода кашф кардааст.

Расона аз қавли Оҷонсии мероси фарҳангӣ овардааст, ки дар тарҷумаи китоб қайд шудааст, ки дастхат дар моҳи рақаби соли 1027 мелодӣ навишта шудааст. Ин ба моҳҳои июн — июли соли 1618 рост меояд.



"ВАВИЛОН-МОБАЙЛ" МУШТАРИЁНРО САРГАРДОН НАМЕКУНАД

Нахуст ба шумо барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд изҳори сипос намуда, ба таваҷҷуҳатон мерасонем, ки дар шумораи ҳафтаномаи Тоҷикистон таҳти №39 (1498) аз 28.09.2022 ва дар сомонаи pressa.tj аз 03.10.2022 маводе таҳти унвони "Операторони бесалоҳият. Онҳо муштариёнро сарсону сargардон мекунанд" чоп шуд.

Муаллифи он Ғафури Искодарӣ шикоят аз он мекунад, ки рӯзи 17-уми сентябри соли равон дар терминали рақами 331807, ки дар саҳни Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон воқеъ аст, иштибоҳан ба телефони рақами 988 93 00 01 сӣ сомонӣ пул гузаронидааст. Пас аз пардохти маблағ мавсуф дармеёбад, ки рақами телефон иштибоҳ шудааст.

Баъд аз чопи мавод намояндаи ширкат ба редаксияи pressa.tj занг зада, рақами телефони муалифро гирифт ва бо ӯ суҳбат намуд.

Аз суҳбат бо муаллиф бармеояд, ки ӯ 19-уми сентябр ба рақамҳои дастгирии техникии низоми пардохтии "Пайванд" 988886161 занг зада, оид ба иштибоҳи худ хабар додааст ва оператор тартиби муроҷиат дар ҳолати иштибоҳан хато чидани рақамро фаҳмонидааст. Аз рӯи қоидаи муқарраршуда дар ҳолати иштибоҳан гузаронидани маблағ ба рақами дигар, танҳо дар вақти дар 3 рақам ба иштибоҳ роҳ додан ва танҳо ба ҳамон операторе, ки мехоҳед маблағро гузаронед, аризаи дархостӣ қабул карда мешавад ва мушкилӣ дар муддати 3 рӯз ҳалли худро меёбад. Дар ҳолати мазкур муштарӣ на 3 рақам, балки дар 7 рақам ба иштибоҳ роҳ додааст ва дар баробари ин тамоман ба оператори дигар маблағ гузаронидааст, ки ин хилофи танзими маблағгузаронӣ дар ҳолати хато гузаронидан мебошад.

Тафтишоти зангҳо нишон доданд, ки муаллиф ба маркази иттилоотии "Вавилон-мобайл" низ занг задааст ва амалгар мувофиқи дастурамал ба ӯ посух гуфтааст.

Аз ин бармеояд, ки худи пардохткунанда (муштарӣ) дар лаҳзаи рақамчинӣ ба иштибоҳ роҳ додааст.

Бояд қайд кард, ки тибқи шартҳои Шартнома "Оид ба қабули пардохтҳо", ки байни ҶСП "Вавилон-Мобайл" ва ҶДММ ТКХ "Пайванд" ба имзо расидааст, таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ, яъне "Пайванд" бояд маблағи аз ҷониби пардохткунанда пардохтгардидаро таҳлил намуда, оид ба бартараф намудани камбудиҳои мавҷудбуда чораҳои дахлдорро андешад. Зеро, тибқи уҳдадориҳои шартномавӣ ҶСП "Вавилон-Мобайл" оид ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта уҳдадор нест.

Барои ҳамдигарфаҳмӣ сипосгузорем ва умедворем, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди мо дар оянда вусъат хоҳанд ёфт.

У. Б. АСОЕВ,
директори
ҶСП "Вавилон-Мобайл"

ПОЧТА

(Аввалаш дар саҳ.3)

Фикр мекунам, бисёриҳо куттиҳоеро, ки солҳои пеш дар хонаи ҳар як сокини деҳот насб гардида буданд, дар ёд доранд. Ҷойе куттии почтаро дар дарахт овезон медидӣ, ҷойи дигар дар пушти дару дарвоза. Куттиҳои сурх, сабз, кабуд (бештар сурх)-ро дар девори андовашудаи хонаҳои сокинон зиёд мушоҳида мекардем. Вале, бо мурури вақт ва фалаҷ гардидани хидматрасонии почта, куттиҳо ба бозичаи дасти кӯдакон табдил ёфтанд. Куттиҳои зебо, ки асбоби қабулкунандаи мактубу нашрияҳои даврӣ буданд, "мошинча" шуданд.

Шояд дар пиндори ҳама эҳё кардани куттиҳои почта тасмими амалинашаванда бошад. Аммо ин тавр нест. Зеро кори намешуданӣ нест. Танҳо эҳсоси масъулият лозим аст. Масъулини шаҳру ноҳияҳои дурдаст, хусусан кордорони ҷамоатҳову раисони маҳаллаҳо бояд ба мавзуи мавриди назар таваҷҷуҳ диҳанд.

Масъулини "Почтаи тоҷик" дар ин маврид чӣ мушкил ва чӣ назар доранд?

НАШРИ 1500-УМИ «ТОҶИКИСТОН» МУБОРАК!



Хонандаи азиз!

Инак, шумораи 1500-уми ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дар дасти туст. Муборак бод!

30 сол аст, ки “Тоҷикистон” баробари Тоҷикистони соҳибистиқлол қадам мезанад ва чун оинаи тамомнамо дастоварду муваффақиятҳои кишварро инъикос мекунад; камбудиҳоеро, ки чун садди фӯлодин монеъи рушду нумуъ ҳастанд, фош месозад ва роҳи ҳали онҳоро мечӯяд.

Хонандаи азиз!

Ту ин ҳақиқатро кайҳо дарк кардаӣ. Медонӣ, ки ҳадафи “Тоҷикистон” як аст - саҳм гузоштан барои рушди Тоҷикистон.

Роҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар 1500 шумораи “Тоҷикистон”, ки дар давраҳои гуногун аз 8 то 88 саҳифа ба нашр расидааст, сабт гардидааст. “Тоҷикистон”-ро метавон таърихномаи Тоҷикистон унвон кард.

Аслан, дар ин 1500 шумора ҳайати эҷодии “Тоҷикистон” пайи анҷоми рисолати хеш талош доштанд: пешниҳоди иттилооти саҳеҳ, даъват ба роҳи рост, ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдат, ва талош баҳри ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Ҳоло низ ҳафтаномаи «Тоҷикистон» умдатарин масоили соҳаи маориф, тандурустӣ, иқтисодиёт, фарҳанг, иҷтимоиёт, сиёсат, маънавиёт ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. “Тоҷикистон” мактаби эътирофшудаи журналистӣ аст. Тӯли солҳои мавҷудият дар домони ин нашрия даҳҳо журналистони ҳирфаӣ ба камол расидаанд ва ба ин даргоҳ то ба имрӯз арҷ мегузоранд.

Хонандаи азиз!

Нашри шумораи 1500-умин асосан ҷашни ту аст. Маҳз таваҷҷуҳ ва алоқамандии туст, ки аз шумораи 1 то 1500-и “Тоҷикистон” нашр мешавад. Барои ҳайати эҷодӣ ин санаҳо масъулият меафзояд: мабод рӯзе, ки бовари туро аз даст бидиҳем ва ниёзи туро бароварда накунем. Мабод он рӯз, ки ту нашри “Тоҷикистон”-ро бесаброна интизор нашавӣ...

Хонандаи азиз!

Нашри шумораи 1500-уми “Тоҷикистон” ба рӯзҳои таҷлили 30-солагии нашрия иттифоқ афтод. Ин шумора оғози таҷлили ҷашни 30-солагии “Тоҷикистон” хоҳад буд.

Орзу дорем, ки садсолаҳо осмони Тоҷикистони азиз софу беғубор, истиқлоли мо пойдор, парчами миллиамон парафшон ва нашри “Тоҷикистон” мудаввом бошад!

Дар ростои 30-солагии ҳафтаномаи “Тоҷикистон” аз ҳамкорони собиқ ва муаллифони доимии он хоҳиш менамоем, ки хотирот ва таманниёти худро ба суроғаи зерин: tojikiston@pressa.tj ё кӯчаи Шоҳтемур 61, даромадгоҳи 2, офиси 102 ирсол намоянд.

Рӯзнома зиёд, “Тоҷикистон” ҳатмост!

ИНТЕРНЕТ: СУРЪАТ ПАСТУ НАРХ БАЛАНД

(Аввалаш дар саҳ.3)

Суръати сангпушт

Максим Федоров низ аз интернети сусти кишвари мо шикоят мекунад. “Ман бар ивази 5 ҳазор рубли русӣ бастаи интернет харидорӣ кардам, вале он барои 10 рӯзи корӣ ҳам басанда набуд. Мегӯянд, ки интернети ноқилӣ бамаротиб арзонтару хубтар аст, вале ман ҷойи зисти доимӣ надорам ва дар иҷорахона интернет гузаронида наметавонам. Як ҳамкорам дар Тошканд аст. Охири ҳафта ба Ӯзбекистон хоҳам рафт”,-мегӯяд ӯ.

Ҳазорон шаҳрванди Русия баъди эълони басеҷ ё сафарбаркунии низомӣ, ки 21-уми сентябр Владимир Путин имзо кард, ба Тоҷикистон омаданд. Маълум нест, ки мақомоти Тоҷикистон барои нигоҳ доштани мутахассисони рус талош доранд ё не, вале коршиносон мегӯянд, ки аксари русҳои фирорӣ мутахассисони хуби соҳаи технологияҳои нав мебошанд.

Суръати интернет дар Тоҷикистон хеле суст аст. Бар пояи раддабандии Speedtest Global Index, ки суръати интернети мобилиро дар 138 кишвари ҷаҳон таҳқиқ кардааст, Тоҷикистон бо суръати 7,57 мегабит дар сония (Mbps), дар мавқеи 134-ум ҷой гирифтааст.

Ин нишондод нисбат ба 1 соли гузашта 5 зина поинтар аст. Дар раддабандии порсола Тоҷикистон дар ҷойи 129-ум қарор дошт.

Дар ҳамин гузориши Speedtest Global Index аз моҳи ноябр, аз рӯи интернети ноқилӣ дар Тоҷикистон вазъ нисбатан беҳтар буда, байни 181 кишвар Тоҷикистон бо суръати 16,63 мегабит дар сония дар ҷойи 123-юм аст.

Ӯзбекистон дар ин раддабандӣ дар мавқеи 119 қарор дорад ва суръати интернети мобилӣ дар ин кишвар 13,67 ва интернети ноқилӣ 36,23 мегабит дар сония гуфта шудааст.



Нархи осмонӣ

Илҳомҷон Атоев, ноиби раиси Ҳадамоти алоқаи Тоҷикистон зимни нишасти ахири матбуотӣ дар Душанбе гуфт, ки нимсолаи аввали соли равон суръати воридшавии интернет ба ҷумҳурӣ ба 100 Гбит/сония баробар карда шудааст, ки дар қиёс бо соли қаблӣ зиёд мебошад.

Вай афзуд, ки дар соли 2021 суръати воридшавии интернет ба ҷумҳурӣ 70 Гбит/сонияро ташкил медод.

Бар асоси гузориши пойгоҳи numbeo.com, нархи моҳонаи интернети ноқилии бемаҳдуд бо суръати 60 Мбит/сония аз ҳама арзон дар Русия - 8,8 доллар ва аз ҳама гарон дар Туркманистон - ҳудуди 339,1 доллар мебошад. Ин нишондод дар Қазоқистон 10,6 доллар, дар Тоҷикистон 13,8, Қирғизистон - 14,1 ва Ӯзбекистон - 18,6 доллар арзёбӣ шудааст.

Ба иттилои Ҳадамоти алоқаи Тоҷикистон, шумораи истифодабарандагони интернет, ҳам собит ва ҳам мобилӣ 4,2 млн нафарро ташкил медиҳад.

Чанде пеш бинобар як арзёбии дигар ҳам суръати Интернет дар Тоҷикистон сусттарин дониста шуд. Сомонаи Cable.co.uk бо нашри як гузориш Тоҷикистонро ба даҳгонаи кишварҳое дохил кард, ки суръати Интернет дар Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ҷаҳон аз назари суръати Интернет дар ҷойи 211-ум қарор дорад.

Масъулони Ҳадамоти алоқаи Тоҷикистон пайваста мегӯянд, ки суръати Интернет дар кишвар суст нест ва “шояд мушкил дар дастгоҳи истифодабарандагон аст”.

Қаблан намояндаи Бонки Ҷаҳонӣ низ аз дастрасии маҳдуд ва гаронии интернет шикоят карда буд. Ян-Питер Олтерс дар як вебсайти Бонки Ҷаҳонӣ мақолае нашр кардааст, ки дастрасии маҳдуд ва гарон ба интернет дар Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҷиддии ин кишвар аст.

Вай менависад: «Дар Тоҷикистон, ки 70 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, мушкили дастрасӣ ва нархи баланди интернет ба назар намоён аст, ки ин суръати рушди иқтисод ва алоқаи кишварро бозмедорад”.



АЗ КОРЕЯ ТО АМРИКО

Муҳоҷирони тоҷик фаротар аз Русия кор меҷӯянд

Чандест, ки муҳоҷирони тоҷик фаротар аз Русия кор меҷӯянд ва бо пайдо шудани имконият ба Аврупо, Амрико ё Корея мераванд.

Муҳоҷират дар Корея

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 нафар мутахассисони соҳаи кишоварзиро рӯзи 10-уми октябр ба Корея барои кор фиристодааст. Дар ин бора сомонаи расмии вазорат иттилоъ медиҳад.

“Дар асоси шартномаи баимзорасида байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Хампёнги музофоти Ҷоланамдои Ҷумҳурии Корея оид ба интиқоли қувваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани корҳои мавсимӣ тибқи дархости корфармо 22 нафар мутахассисони соҳаи кишоварзӣ баъд аз гузаштани марҳилаи омодагии пеш аз сафар дар МД “Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ” дар шаҳри Душанбе рӯзи 10-уми октябри соли 2022, тавассути шаҳри Тошканд ба шаҳри Сеули Ҷумҳурии Корея барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии мавсимӣ парвоз намуданд”,- навиштааст сомонаи ин вазорат.

Таъкид гардидааст, ки дар умум 78 нафар номнавис шуда, мувофиқи талаботи корфармои кореягӣ 58 нафар соҳиби раводиди Ҷумҳурии Корея шудаанд. Дар марҳилаи аввал 22 нафар шаҳрвандон рӯзи 10-уми октябр ва баъдан, 36 нафар рӯзи 16-уми октябр тавассути хатсайри Тошканд - Сеул ба Ҷумҳурии Корея ба кор мераванд.

Моҳи июли имсол Душанбе ва Сэул ба тавофуқ расиданд, ки муҳоҷирини кории тоҷикро ба Кореяи Ҷанубӣ сафарбар намоянд.

Ахиран дар мулоқот Ширин Амонзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон бо Квон Донг Сок, сафири Кореяи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон зимни арзёбии ин мавзуъ ба ин натиҷа расиданд, ки то балад шудани муҳоҷирини кории тоҷик ба забони куриёӣ онҳоро метавон ба кор дар корхонаву ширкатҳои куриёӣ дар қаламрави кишварҳои дигар эъзом кунанд, аз ҷумла шаҳри Санкт-Петербурги Русия.

Ширин Амонзода дар нишасти матбуотии ниҳодаш гуфт, ки тамоми заминаҳои расмиву ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ фароҳам шудааст ва танҳо мушкиле, ки дар миён аст, донистани забон аст.

Фарух Ахмедов, як шаҳрванди Тоҷикистон, ки солҳои охир дар Корея қарор дорад, мегӯяд, ки кор дар ин кишвар бамаротиб беҳтар аз Русия аст. “Ҳам дар муносибат, ҳам дар сатҳи маошу зиндагӣ Корея садҳо маротиба беҳтар аз Русия аст. Фақат дар ин ҷо ба муҳоҷирони тоҷик визаи дарозмуддати корӣ намедиҳанд. Ин мушкил бояд дар сатҳи давлатӣ ҳал шавад”,- мегӯяд ӯ.

Роҳи ИМА низ боз шуд

Як хонаводаи тоҷик бори аввал раводиди муҳоҷиратро ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз сафорати ин кишвар дар Душанбе дарёфт кард. Сафорат рӯзи 7-уми октябр бо нашри ин хабар навишт, ки минбаъд тамоми виза ё раводиди муҳоҷират ба ин кишвар аз Душанбе дода мешавад. Қаблан шаҳрвандони Тоҷикистон барои дарёфти раводид ба Алмаатои Қазоқистон мерафтанд.

Сафорати Амрико дар Душанбе бо нашри акси ин хонаводаи тоҷик ба онҳо сафари хубу зиндагии навро дар Амрико хостааст. Аммо Сафорат номи ин хонаводаро эълон накардааст.

Мавсими якмоҳаи озмуни дарёфти ҳақи муҳоҷират ба Амрико, ки ҳамчун озмуни лотореяи “Грин-корт” маъруф аст, рӯзи 5-уми октябр шуруъ шуд. ИМА ҳар сол барои 55 ҳазор нафар дар сартосари дунё имкони дарёфти ҳақи иқомату кор дар ин кишварро тавассути корти сабз фароҳам меорад. Ҳар сол ба ҳисоби миёна тавассути ин барнома беш аз 500 нафар аз Тоҷикистон ҳам барандаи ин лотерея шуда, ба Амрико мекӯчанд.

Фаротар аз Русия

Иршод Музаффаров, як шаҳрванди Тоҷикистон, ки тайи 5 соли охир дар ИМА кору фаъолият мекунад, мегӯяд, тоҷикон мехоҳанд фаротар аз Русия кор пайдо кунанд. “Ман дар ИМА бо муҳоҷирон сарукор дорам. Муҳоҷирони тоҷик мехоҳанд, ки бештар берун аз Русия кор пайдо кунанд. Зеро дигар Русия барои кор кишвари устувор ва бобаринок нест. Фақат барои кор дар Аврупову Амрико ё Туркияву Корея мутахассис ва забондон бояд буд”,- мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Соли равон як гуруҳ муҳоҷирони тоҷик ба Британия Кабир фиристода шуданд, ки асосан ба корҳои деҳқонӣ ҷалб шуданд. Коршиносони муҳоҷират мегӯянд, ки надонистани забон ва надоштани касб монеъи муҳоҷирати тоҷикон ба Аврупову Амрико аст.

О. СОҲИБЗОДА

РОЛТОН, ХОТ-ДОГ Ё ҚУРУТОБ

Маишати донишҷӯёни пойтахт чӣ гуна аст?



“Ролтон - хӯроки донишҷӯ!”, “Ҳозир пул да ҳами студентай”… Ин ду фикри мухолиф дар ҷомеаи мо ҳамарӯза садо медиҳанд. Воқеан, донишҷӯён чӣ гуна зиндагӣ доранд? Хӯроки рӯзмарраи онҳо чӣ гуна аст? Ба ин саволҳо дар ин матлаб посух ҷустем.

Қурутоб - хӯроки донишҷӯ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) беш аз 23 300 нафар донишҷӯ дорад, ки аз ин 17 600 нафарашон дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекунанд. Дар шаҳраки донишҷӯёни ДМТ якчанд ошхона ба донишҷӯёну омӯзгорон хизмат мерасонанд, ки аз онҳо ошхонаи "Сабз" ва "Ориёно" сермуштариянд. Ба ғайр аз ин, дар поёни ҳар як бинои донишгоҳ нуқтаҳои тезтайёр мавҷуд аст, ки дар танаффусҳо донишҷӯён онҳоро гирд мекунанд.

Муҳаммад Маъруфзода соли сеюм аст, ки дар хобгоҳ меистад. Ӯ ба мо аз ҳаёти донишҷӯии аксар ҳамсолони худ чунин қисса намуд: “Дар як ҳуҷраи хобгоҳ баъзан ду, гоҳе чор ва дар ҳуҷраҳои калон шаш нафар донишҷӯ истиқомат мекунанд. Аксар духтарон барои худ хӯрок мепазанд, вале бештари бачаҳо дар берун мехӯранд. Ман бештар хӯрокҳои тезтайёр, аз қабили хот-дог истеъмол мекунам. Нисфирӯзӣ бештар ҳамроҳи дӯстон ба ошхонаҳои “донишҷӯӣ” меравем ва қурутоб мехӯрем, зеро нархаш дастрас аст”.

Меҳрангез Шамолова аз ноҳияи дурдасти Дарвоз аст, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунад. Ӯ мегӯяд, ки "ҳаёти донишҷӯӣ бо баъзе рӯзҳои ғайричашмдошти худ хотирмон аст. Вагарна, 4 соли таҳсил чӣ гуна мегузарад, намефаҳмед. Мо дар як ҳуҷра 4 нафар зиндагӣ мекунем. Якҷо маблағ ҷамъ карда, маҳсулот мехарем ва бо навбат хӯрок мепазем. Волидон баъзе маҳсулотро аз деҳа мефиристанд. Дар берун бештар хот-дог мехӯрем”.

Хот-доги арзон ва дастрас

Донишҷӯёни Донишгоҳи омӯзгорӣ аз ду - се ошхона ва нуқтаҳои тезтайёри назди бинохои таълимӣ сарфи ғизо мекунанд. Дар баробари ин, донишҷӯёнеро метавон дид, ки ба тарабхонаҳои "Сафо" ва "Занҷабил" низ мераванд.

Башорат Забирова, донишҷӯи ин донишгоҳ мегӯяд: "Ролтон аз байн рафтааст. Пештар ба мо мегуфтанд, ки ҳоло донишҷӯ шавед, фақат ролтон мехӯред, вале чунин нест. Ба истиснои баъзе рӯзҳо, аслан ролтон намехӯрем. Бештар хот-дог мехӯрем. На он қадар гарон аст, зуд омода мешавад, дар танаффусҳо хӯрда, ба дарсҳо медароем. Дар ошхона низ бештар аз хӯрокҳои тезтайёр мехӯрем, картошкаи бирёну тухму ҳасиб".

Шамсиддин Насриддинзода, донишҷӯи дигари Донишгоҳи омӯзгорӣ, ки бо дӯстонаш аз дари донишгоҳ берун мешуд, ба саволи мо дарҳол ҷавоб дод, ки "албатта, хот-дог. Тезтайёр, дастрас. Бо дӯстонам бештар хот-дог мехӯрем".

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ низ дар се бинои таълимӣ ошхона дорад. Ба ғайр аз ин нуқтаҳои тезтайёр низ фаъол ҳастанд. Тоҷиддин Раҳмон донишҷӯи соли чоруми Донишгоҳи техникист. Ӯ дар суҳбат бо мо аз аввалин рӯзҳои донишҷӯӣ ёдовар шуд: "Чор сол аст, ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекунам. Бо ҳамутоқҳоям маблағ ҷамъ менамоем ва маҳсулоти якмоҳаро харидорӣ карда, бо навбат хӯрок мепазем. Барои писарон пухтани хӯрок душвор аст, вале дигар илоҷ нест, навбатат ки расид, бояд хӯрок дар соати муайяншуда омода бошад. Ба шарофати интернет аз ухдаи пухтани ҳама намуд хӯрок баромадан мумкин аст. Дар роҳу донишгоҳ хӯроки дастрасми мо хот-дог аст”.

Зикрулло Тоҷиддинзода - донишҷӯйи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ низ мегӯяд, ки бештар хот-дог ва қурутоб мехӯрад.

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки донишҷӯён бештар майл ба хӯрокҳои тезтайёру саридастӣ доранд. Бо вуҷуди он ки табибон истеъмоли хот-дог ва дигар маҳсулоти тезтайёрро зараровар мегӯянд...



Идибеки САИД

АННИ ЭРНО

Барандаи нави Ҷоизаи Нобел кист?



Ҷоизаи имсолаи Нобел дар адабиёт насиби адиби маъруфи Фаронса Анни Эрно шуд. Анни Эрно солҳои тӯлонӣ борҳо ба ин ҷоиза пешниҳод шудааст. Ӯ бештар бо асарҳои шарҳиҳолиаш маъруфият дорад.

Дар баёнияи академӣ аз ҷумла омадааст, ки “Анни Эрно ин ҷоизаро ба далели шуҷоат ва дақиқияти клиникӣ, ки аз ин тариқ вай бегонагӣ ва маҳдудиятҳои ҷамъии хатароти шахсиро кашф мекунад, дарёфт кард”.

Анни Эрно 82 сол дошта, нависанда ва устоди адабиёт дар яке аз донишгоҳҳои Фаронса аст. Ӯ дар Нормандия бузург шудааст. Модараш яҳудии эронист, ки дар Озабойҷони Ғарбӣ таваллуд шуда, баъдан ба Британия кӯч бастааст. Нахустин асари адабии ӯ соли 1976 мунташир шуд ва то кунун беш аз 20 китоби ӯ чоп шудааст. Осори адабии ӯ бештар тарҷумаиҳолӣ буда, ба ҷомеашиносӣ робитаи наздик дорад.

Яке аз машҳуртарин асарҳои Эрно китоби “Ҳаводис” аст. Нависанда дар ин китоб дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ тавр ӯ соли 1963 вақте дар Фаронса муҳоҷири ғайриқонунӣ буд, мушкилоти исқоти ҳамлро пушти сар гузошту зинда монд. Соли гузашта коргардон Одри Диван барои филмаш аз рӯи ин китоб сазовори ҷоизаи “Шери тиллоӣ” дар синамоҷашнвораи Венетсия шуда буд.

Китобҳои дигари нависанда, ки солҳои мухталиф бароям шуҳрат овардаву соҳиби ҷоизаҳои мухталиф шуда буданд, низ асарҳои тарҷумаиҳолии ӯянд, яъне сужаҳои ин асарҳо аз ҳаёти шахсии ӯ гирифта шудаанд. Аз ҷумла, муносибати муаллиф бо падар ва мардони дигари ҷомеа (“Хотираҳои як духтар”), ишқварзиҳо бо дипломати Шӯравӣ (“Иштиёқи маъмулӣ”), беморияи Алсгеймер ва марги модари ӯ (“Зан”) ва ғайра.

Эрно вақте дар бораи сарнавишти худаш нақл мекунад, зиндагии насли худро низ таҳлил мекунад ва заминаи иҷтимоӣ, сиёсии онро тавсиф менамояд. Барои мисол, нависанда дар китоби “Солҳо” достонҳое аз зиндагии худро бо муҳимтарин рӯйдодҳое, ки дар тӯли ним қарн дар Фаронса рух дода, дар ҳам меомезад.

Зарфи чанд моҳи охир тахминҳо барои дарёфти ҷоизаи Нобел дар адабиёт зиёд буданд. Аз ҷумла, аз адибони Фаронса Мишел Уэлбек ва Мариз Конде, адиби Ҷопон Харуки Мураками, шоира Энн Карсон ва нависанда Маргарет Этвуд аз Канада ном бурда мешуд.

Соли ҷорӣ бештар ба ду номинанти эҳтимолӣ - адиби британиёии ҳиндтабор Салмони Рушдӣ ва нависандаи Русия Людмила Улитская, ки зидди ҷанг бо Украина бархоста буд, бештар таваҷҷуҳ карда мешуд. Номзадии адиби Украин Сергей Жадан моҳи марти соли равон аз ҷониби Академияи илмҳои Лаҳистон пешниҳод шуда буд. Гуфта мешуд, ки “Украинаи озод ба афкори Жадан беш аз ҳар вақти дигар гӯш фаро медиҳад”.

“Мо ба адабиёт ва сифатҳои адабӣ тамаркуз мекунем, на ба фаъолиятҳои имрӯзаи он”,- бори дигар таъкид намуд намояндаи академияи Шветсия баъди эълони исми Анни Эрно.

Гуфтанист, ки маъмулан моҳи майи ҳар сол рӯйхати муддаиёни ҷоизаи Нобел таҳия мешавад ва аъзои академия, ки ҳамагӣ ҷоизадорони Нобел, мунаққидон, адибони маъруф ва олимони шинохтаанд, муддати панҷ моҳ ин асарҳоро комил меомӯзанд.

Ҷоизадори нав ҳамагӣ якуним соат пеш аз эълони исми ӯ тариқи овоздиҳӣ дар ҷаласа интихоб мешавад. Ҳамаи аснодди пешбарии номзадҳо ва баҳсу баррасиҳо муддати 50 сол махфӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Соли 2018 ҷоизаи Нобел дар адабиёт ба далели иттиҳоми озор ва азияти ҳамсари яке аз аъзои академия эътo нашуд.

Бобоҷони ШАФЕЪ

Соҳиба Давлатшоева:

САДОИ ФАЛАК БОЯД БА ФАЛАК РАСАД!

15 сол аст, ки 10-уми октябр дар Тоҷикистон ҳамчун Рӯзи Фалак тақлил мешавад ва сол сеюм аст, ки ин мусиқии суннатии мардуми тоҷикро ЮНЕСКО ба феҳристи мероси ғайримоддии башарият шомил намудааст. Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Соҳиба Давлатшоева имрӯз яке аз мубаллиғони асосии Фалак дар Тоҷикистон ва дар саросари ҷаҳон мебошад.

Фалак жанри мусиқии қадимаи шифоҳӣ буда, дар тӯли садсолаҳо аз гӯш ба гӯш, аз забон ба забон, аз дил ба дил ба тарзи мактаби «устод - шогирд» то ба имрӯз расидааст. Он бештар дар навоҳии куҳистон маъмул мебошад. Ҳунармандони тоҷик, аз ҷумла фалаксароёни асил Одина Ҳошим, Сафарбегим Тошхӯҷаева, Гулчеҳра Содиқова, Давлатманди Хол, Мадалии Барот, Акашариф Ҷӯраев, Абдулло Назрӣ, Иброҳим Кобулиев, Мусаввар Минаков, Мамадато Таваллоев, Файзалӣ Ҳасанов, Панҷшанбе Қорӯбов ва дигарон дар асри сипаригашта ва замони мо Фалакро ривоҷу равнақ дода, ба оламиён муаррифӣ намуданд. Соҳиба Давлатшоева идомадиҳандаи суннати неки ниёгон аст.

Номбурда 26-уми феврали соли 1970 дар деҳаи Чарсемаи ноҳияи Шуғнон ба дунё омадааст. Аз кӯдакӣ суруд мехонд ва дар барномаҳои мактабӣ ширкат мекард. Замони навраси ба ҷавониаш дар озмунҳои “Ғунчаҳои умед” ва “Бӯстон” ширкат карда, ба саҳнаи калон роҳ ёфт, вале ӯро суруди “Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт” машҳур кард.

Соҳиба Давлатшоева мегӯяд аз синни 6-солагӣ ба сароидани Фалак оғоз кардааст: “Ман аз кӯдакӣ ба Фалак дил бастам. Сабабашро намедонам. Шояд дар тақдири ман чунин навишта шуда буд. Дар чорабиниҳои мактабӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ ҳамеша фалаксароӣ мекардам. Ҳамин тавр, ба пойтахти кишвар омада, ба Донишкадаи санъати Тоҷикистон ба номи устод Мирзо Турсунзода шомил шудам ва баъди хатми он ба фаъолияти эҷодӣ машғулам”.

Фалак дар куҳистони Тоҷикистон ва дар қисми шимолии Афғонистон ва якчанд вилоёти тоҷикнишини Покистону Ҳиндустон низ маъмул аст. Аз рӯи анъана матни асосии Фалакро рубоӣ ташкил медиҳад, вале дар замони мо фалаксароён ҳангоми иҷрои сурудҳои фалакӣ ба ғайр аз дубайтиву рубоӣ, инчунин ғазалҳои баландмазмунро аз адабиёти классикӣ ва шоирони имрӯзаи тоҷик низ истифода менамоянд.



“Албатта, замина, таърихи пайдоиш ва таркиби Фалак ягона аст, вале бо назардошти тарзи иҷро, истифода аз созҳои гуногуни мусиқӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ Фалакро ба навъҳои даштӣ, роғӣ, дарвозӣ, афғонӣ, бадахшонӣ ва куҳистонӣ чудо мекунанд. Фалаки бадахшонӣ назокатҳои худро дорад, вале дар умум Фалак як маром дорад. Фалаксароён бо сурудани он розу ниёз, ғаму шодӣ ва дарди дилу нобасомониҳои рӯзгорро бароварда мекунанд ва гӯё маънии Фалакро аз фалак мечӯянд»,- мегӯяд Соҳиба Давлатшоева.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Соҳиба Давлатшоева феълан роҳбари ансамбли «Помир»-и Муассисаи давлатии сафарию ҳунарии «Базморо»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ӯ яке аз он ҳунармандонест, ки барои дар арсаи байналмилалӣ мақом пайдо кардани Фалак талошҳои зиёде кардааст. Номбурда аз соли 1994 ба ин ҷониб дар Аврупову Амрико, Канада, Русия, Эрон ва умуман дар саросари ҷаҳон бо барномаҳои ҳунарӣ сафар карда, мусиқии тоҷикиро тарғиб мекунад. Ҳунари нотакрори ӯ бо якчанд диплому мукофоти байналмилалӣ, аз ҷумла бо ордени санъати Фаронса ва ҷоизаи Фестивали байналмилалии “Шарқ тароналари” қадрдонӣ шудааст. Вай бо овози ғайриодӣ ва хотирмон миёни мардум маъруф буда, якчанд асбоби мусиқӣ низ менавозад.

Соҳиба Давлташоева мегӯяд, ки ҳамасола 2-3 сафари ҳунарӣ ба кишварҳои ҷаҳон дорад, вале ҳанӯз ҳам барои тарғиб онро кофӣ намедонад.

“Мо ҳанӯз санъати худро ба ҷаҳониён ба таври бояду шояд муаррифӣ накардаем. Мусиқӣ забон надорад, бинобар ин, василаи хубест барои шиносонидани миллат. Мо бояд кор кунем ва талош намоем, ки садои Фалаки мо дар тамоми фалак танинандоз бошад”,- мегӯяд Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Соҳиба Давлатшоева.

Д. ҚОДИРПУР,
журналист

АЗ КАРАТЭ БА АСПДАВОНӢ

Руҳи бешикасти варзишгардухтари тоҷик



Нишони заррини face to face

Соҳиба Азизова дар мусобиқаи лигаи ҳунарҳои размии Русия “Рӯ ба рӯ”, яъне “face to face”, ки санаи 8-уми октябр дар шаҳри Москва аз намудҳои варзиши грэплинг ва муҳорибаҳои омехта баргузор шуд, ширкат карда, дар вазни то 57 кг аз намуди муҳорибаҳои омехта нишони заррини мусобиқаро соҳиб шуд.

Ӯ дар суҳбат ба мо гуфт: “Дар ин мусобиқа ҳарифи ман аз Қирғизистон буд. Се маротиба мо ба муҳориба баромадем, вале ҳисоб мусовӣ буд. Танҳо дар дафъаи чорум, дар муҳорибаи охирин ман ғолиб омадам”.

Ин ягона муваффақияти варзишгардухтари тоҷик нест. Соҳиба дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок карда, парчами Тоҷикистонро борҳо боло бардоштааст.

Ҳавас ба варзиш

Соҳиба зодаи шаҳри Душанбе аст. Мактаби миёна ва факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, аз соли 2020 ба инҷониб ҳамроҳи оилааш дар шаҳри Маскав зиндагӣ мекунад.

Ӯ аз хурдсолӣ ба варзиш ҳавас дошт, бар замми ин, волидайнаш низ мехостанд, ки Соҳиба дар навъи каратэ машқ кунад. “Аввалҳо он қадар зиёд тамрин намекардам, танҳо ба хотири падару модарам ба машқ мерафтаму тамом. Баъдтар ҳавасам ба варзиш зиёд шуд. Аз телевизион вақте медидам, ки варзишгардухтарон дар мусобиқаҳо ширкат мекунанд, ҳаваси ман зиёдтар мегашт”,- мегӯяд Соҳиба.

Имрӯзҳо низ ӯ фориғ аз дарсҳо ва кор ба тамрин машғул аст.

Ягона духтар миёни ҷавонон

Ачиб он аст, ки ӯ ба намудҳои гуногуни варзиш ҳавас дорад.

Соҳиба дар чандин мусобиқаҳои аспдавонии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ғолиб гаштааст. Дар ин маврид мегӯяд: “Замони дар мактаб хонданам барои сабти як филми ҳуҷаттӣ маро ба пойгоҳи аспдавонӣ оварданд. Аз ҳамон вақт ба аспдавонӣ майл пайдо кардам. Баъд аз анҷоми сабт ба назди тренер Каримҷон Саидов рафтам ва ӯ маро ба шогирдӣ қабул кард. Зиёд тамрин мекардам. Дар миёни гуруҳи ҷавонон дар пойгоҳи аспсаворӣ ягона духтар будам. Чандин маротиба аз асп афтодаам, вале даст накашидам”,- ба ёд меорад ӯ.

Соҳиба аваллин маротиба дар мусобиқаи аспдавонӣ ширкат карданашро чунин ба ёд меорад: ”Моҳи март буд, ҷашни Наврӯз. Ман аввалин маротиба дар мусобиқаи аспдавонӣ ширкат кардам. Ҳама дар ҳайрат буданд. Худам дар ҳаяҷон. Сазоворӣ ҷойи аввал гаштам”.



Соҳиба Азизова дар чандин мусобиқаҳои ҷумҳуриявиву байналмилалӣ оид ба аспдавонӣ ширкат карда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шудааст. Ҳоло ӯ дар муҳорибаҳои омехта қувваозмоӣ мекунад ва ба дастовардҳо ноил мегардад.

Мо ба ин гурдофариддухтари тоҷик барор мехоҳем!

У.ҚУТБИДДИНЗОДА

Соҳиба Азизоваро бисёриҳо ба Гурдофарид монанд мекунанд, зеро ӯ чун қаҳрамони “Шоҳнома” асп медавонад. Ӯ яке аз он варзишгардухтаронест, ки дар намудҳои гуногуни варзиш қувваозмоӣ карда, дар сабқатҳои сатҳи байналмилалӣ парчами Тоҷикистонро бардоштааст.

Ҳамасола 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рамзи худшиносию худогоҳӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанг ва ҳувияти миллӣ дар саросари кишвар бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад. Бо мақсади гиромидошти ин санаи муборак, ки дар қатори пурифтихортарин ҷашнҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, 4-уми октябри соли 2022 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ доир гардид, ки дар он муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, муовинони раиси бонк Шарифзода Фирӯз, Салимзода Алиҷон ва аҳли кормандони бонк иштирок намуданд.



ЗАБОНИ ТОҶИКӢ АСОСИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ ВА ШАҲСУТУНИ БИНОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИИ МОСТ





Дар ибтидо Толибзода Фирдавс аҳли нишастро ба муносибати ин санаи пурифтихори таърихи навини давлатдории Тоҷикистон, ки самараи неки даврони соҳибистиқлолии кишвар маҳсуб меёбад, табрику шодбош гуфта, қайд кард, ки забони давлатӣ аз рукнҳои муҳим ва асосии давлатдории миллӣ буда, дар пойдорию таҳкими давлати миллӣ мақому нақши муассир дорад.

Номбурда изҳор намуд, ки бо шарофати иқдому талошҳои пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мавриди истифода қарор гирифта, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” суръати бештар пайдо кард. Аз ҷумла, Пешвои муаззами миллат дар як суханронии худ масъалаи амалӣ намудани муқаррароти қонуни забонро вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди кишвар эълон намуда, таъкид доштанд: “Вазифаи ҷонии мову шумо аз он иборат аст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар пурра ҷорӣ шудани забони давлатиро таъмин намоем, таҳқиқи илмӣ ва таълими ҳаматарафаи онро вусъат бахшида, забони гуворои ноби тоҷикиро аз олоишҳои бегонаю унсурҳои маҳаллӣ пок созем”.

Чунин муносибати самимонаи Пешвои муаззами миллат соҳибони забонро водор менамояд, ки барои рушду такмили забони давлатӣ ҳарчи бештар кӯшиш намоянд, то ки ин забон ба забони фарогири корӣ ва муошират, яъне забони ҷавобгӯи ҳамаи ниёзҳои даврони истиқлол ва давлати мустақил табдил ёбад.

Мавсуф таъкид намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари дигар вазорату идораҳо ва корхонаю муассисаҳои кишвар дар амри пешрафти забони тоҷикӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” фаъолона саҳм гузошта, таҳияи дастурамалҳо, низомномаҳо, лавҳаву овезаҳо, резаахбор ва мақолаи "Бонкдорӣ. Тараққиёт. Ҷаҳонишавӣ", ҳамчунин коргузорӣ ва санадниторӣ дар тамоми идораву шуъбаҳо ва баргузории ҳамоишу машварату ҷаласаҳо бо забони давлатӣ сурат мегиранд.

Сипас, сардори шуъбаи тарҷума, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Султон Ҳасан дар мавзуи “Забони тоҷикӣ ва Истиқлоли давлатӣ” суханронӣ намуда, қайд кард, ки ин забони асил сарвати бебаҳо ва аз яке аз муқаддасоти миллии мо маҳсуб ёфта, мо соҳибзабонон дар ҳифзи покизагию асолат ва ширинию шевоии он дар назди насли имрӯзу фардо масъулияти бузург ба зимма дорем ва онро бояд ҳамчун волотарин сарвати миллӣ посдорию нигаҳбонӣ кунем ва баҳри рушду таҳкими минбаъдаи он аз ҳамаи имконоти мавҷуда босамар истифода барем.

“Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикиро муҳимтарин унсури ҳастию бақои умри миллат маънидод карда, дар суханроние, ки рӯзи 27-уми сентябри соли ҷорӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ироа фармуданд, рисолати миллатсозию давлатсозии онро бори дигар таъкид намуданд: “Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастию бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони Истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозию давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст”,- ёдовар шуд Султон Ҳасан.

Дар идомаи ҷаласа раиси Шӯрои ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон Раҳмонзода Фаромӯз иброз дошт, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бостонӣ ва соҳибҳати олам маҳсуб ёфта, се марҳалаи тӯлонии инкишофро аз сар гузаронидааст. Зиёда аз ҳазор сол аст, ки халқи тоҷик бо забони шевои тоҷикӣ гуфтугӯ карда, фарҳанги беназири худро чун хати сабз аз як китоб ба китоби дигари таърих сабт мекунад. Адибону донишмандони оламшумул асарҳои безавол ва ҷовидонаву орифонаи худро ба забони тоҷикӣ муаррифӣ намудаанд. Зикр гардид, ки ҳастии ҳар як халқу миллат ба гиромидошти забони ӯ марбут аст. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон низ муваззаф аст, ки забони модарии худро гиромӣ дошта, дигаронро низ баҳри фарогирии он талқин намоянд. Ҳифзи ин сарвати беназири миллат барои омӯхтану аз худ кардани дигар забонҳо мусоидат менамояд.

Сардори шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкӣ Уроқова Кибриё оид ба гиромидошти забони тоҷикӣ, ҳифзу нигоҳ доштани асолату покизагии ин ганҷи бебаҳои миллат ва ба насли минбаъда мерос гузоштани ин забони шевою шоирона ибрози андеша намуд.

Дар интиҳо муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бори дигар аҳли нишастро ба ифтихори таҷлили Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику муборакбод гуфта, таъкид бар он дошт, ки ҳар як фарди ҷомеа, аз ҷумла ҳар як корманди Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст дар пешрафту шукуфоии забони тоҷикӣ, ки мероси гаронбаҳои гузаштагони мо ба ҳисоб меравад, саҳмгузор бошад ва дар роҳи посдорию нигаҳбонии забони ширину ноби модарӣ пайрави арзандаи Пешвои муаззами миллати худ бошад.

Шуъбаи матбуоти БМТ

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Насби антенаи пораболӣ + навсозии канал. Тел: 918-79-05-65, 93-440-93-03, 886-886-181.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи нафақавии №01936-и гумшуда, ки онро РМИ ВКД ҶТ 01.11 соли 2006 ба Шарифова Миҷгона Ҷурахоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Саибов Алишер Убайдуллоевич, РЯМ: 0130170801, РМА: 015637353, ки онро Кумитаи андози ҶТ соли 2018 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Азимов Нигмат, РЯМ: 3330004095, РМА: 335094696, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душнабе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев 44, ҳуҷраи 112 ба номи Фозилов Дилшод Оқилович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03691998-и гумшуда, ки онро ШВКД-и шаҳри Роғун 07.04 соли 2021 ба Назаров Савриддин Толибович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши аз 15.05 соли 1993 таҳти феҳрести №23Д-82 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/32, ҳуҷраи 16 ба номи Ғарибшоев Суфишо, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Наимова Майрамби Иброимовна, РЯМ: 3330038360, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Сайдалиев Ҷамшед Алимахмадович, №0049401, РЯМ: 3330031275, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ 23.04 соли 2013 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Кумитаи волидайн ва омӯзгорон"-и мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №12 аз 28.09 соли 2007 таҳти №201, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Кабиров Навруз Махмадович, РЯМ: 0430258199, РМА: 025136044, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино соли 2018 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ бо варақаи қайди №19974 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Куктош, уч. Киров ба номи Хидирова Боғигул, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳрести №8Ш-1716-и гумшуда, ки онро нотариуси калони Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино 12-уми майи соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, хонаи 278-2, Л3.1/б, ба Абдуллоева Зарина Абдуллоевна додааст, беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, хонаи 278-2, Л3.1/б ба номи Тошматов Хуршед Маматович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский 50, ҳуҷраи 40 ба номи Ахмедова Матлюба Гафаровна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0214829-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №97-и ноҳияи Сино соли таҳсили 2007-2008 ба Беҳрузи Сайфулло додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи фермаи чорводорӣ таҳти феҳрести 3ДШ-156-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 28.06 соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Лоҳур, деҳаи Лоҳур ба Латипов Додарбег додааст, беэътибор дониста шавад.

► Делои инвентарӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Сурхоб 189 ба номи Икромов Шарофидин, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи магазини "Оптика" таҳти феҳрасти 3Д-32-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ 21.04 соли 2000 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89 ба Аҳадова Лайло Исматуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро ДМТ соли 2019 ба Шарапов Ҳамзаали Қиёмитдинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии №217/20-и гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ҶТ ба номи М. Турсунзода соли 2020 ба Мақсудҷони Қиёмиддин додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин А 002240-и гумшуда, ки онро соли 1999 ХДФ "Саидаҳмад Ёдгоров" раисаш Ёдгорова Холби додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов ба Шарифи Сайдали соли 2022 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ №053818-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №88-и ноҳияи Сино соли таҳсили 1999-2000 ба Абдуллоев Зоиршо Тоирович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдулҳақов Изатулло Раҳматуллоевич, РЯМ: 0331390199, РМА: 185536053, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2017 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А00656278-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансур 19.10 соли 2016 ба Расулова Солиҳамо Бахтиёровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ "Петроталл", РЯМ: 0410010526, РМА: 040014688, санаи бақайдгири давлатии таъсисёбӣ аз 17.06.2003, санаи бақайдгирии давлатии азнавбақайдгирӣ 05.07.2010, санаи ташаккулёфтаи сармояи оинномавӣ 25.12.2018, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи (0208497), Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ аз 20.01.2016 ва Шаҳодатномаи РМА, ки онро Кумитаи андози ҶТ, Шуьбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба Аминова Макаддас Курбонбоевна додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 8Д-2-1-221-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии сеюми шаҳри Душанбе 29.01 соли 1993 бо суроғаи кӯчаи Шамсӣ, хонаи №1, ҳуҷраи 60 ба Нарзуллоева Қумриниссо додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи 2/3 (аз се ду) ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш-478-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 18.04 соли 2012 бо суроғаи 2/3 ҳиссаи хонаи истиқоматӣ дар кӯчаи Парвина, хонаи 24, ҳуҷраи 11 ба Назарова Румия додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Сидиқова Робиямо Табарбековна, РМА: 045707626, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино соли 2018 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии соҳибкории Тоҷикистон соли 2021 ба Раҳимов Талабшоҳ Сангинмуродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 9Д-77, ки онро Идораи нотариалии якуми шаҳри Душанбне 18.03 соли 1982 ва Дубликати шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 29Б-139, ки онро Бойгонии назди Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 20.07 соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Камола 24б ба Воҳидов Аҳмад Хочаевич додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Саидов Исомидин, РЯМ: 0130117653, РМА: 015150745, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур соли 2015 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми ТШТУ №093515-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон соли 1992 ба Мадиёрова Муқаддаст додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Асозода Джамшед Одинахон, РЯМ: 0430331257, РМА: 295767347, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино соли 2022 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Ташкилоти ҷамъиятии "Гулгун" фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо муддати як моҳ қабул карда мешаванд.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Кумитаи волидайн ва омӯзгорон"-и мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №12 аз 28.09 соли 2007 таҳти №201, бинобар сабаби фаъолият накардани кумитаи зикршуда, фаъолияташро қатъ мекунад.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Кумитаи волидайн ва омӯзгорон"-и мактаб-боғчаи таҳсилоти умумии №26 аз 03.08 соли 2007 таҳти №100, бинобар сабаби фаъолият накардани кумитаи зикршуда, фаъолияташро қатъ мекунад.

► Шаҳодатномаи дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, рақами қайд ИҶ 754 "А", 31-уми декабри соли 2007, ВАТҶ №0000087, ташкилоти ҷамъиятии "Самар" РМА: 080004162 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи ноороми пурмоҷаро барои зодагони бурҷи ҳамал фаро мерасад. Хусусан нимаи дуюми ҳафта ҳодисаҳо тезутунд ҷараён мегиранд. Бехтараш ин ҳафта аз сомонаҳои иҷтимоӣ истифода набаред. Ҳар як қадами худро санҷида гузоред.



Савр
21.04 - 21.05

Хуб мебуд, ки ҳафтаи навро ба истироҳат, муҳаббат ва санъат бубахшед. Ба кори нав гузаштанро маслиҳат намедиҳем, вале барои аз баҳри кори дилбазан гузаштан ва бори зиёдатиро аз дӯши худ дур афкандан айёми мусоид аст.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Давоми ҳафта дар ҳаёти аксари намояндагони бурҷи ҷавзо муноқишаҳои оилавӣ сар зада, ҷангу ҷанҷоли зиёде мешавад. Ҷавзоҳо бо ҳар роҳу восита ҳокимияти худро ҷорӣ кардан мехоҳанд, вале ҳамаро лаҷом задан кори осон нест.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафта барои саратонҳо нисбатан бобарор ва ором мегузарад. Нафароне, ки бо санъат сарукор доранд, бурд мекунанд. Мушкилиҳое, ки як ҳафта қабл аз шумо қуввааву нерӯи зиёд талаб мекарданд, ин ҳафта бо осонӣ роҳи ҳалли худро пайдо менамоянд.



Асад
23.07 - 22.08

Барои нафароне, ки дар моҳи асад ба дунё омадаанд, ҳафтаи хеле фаъолу пурҳаводис фаро мерасад. Рӯзҳои бобарори ин ҳафтаро барои рафъи мушкилиҳои хеле муҳиму ҷиддии вобаста ба масъалаҳои манзилӣ, хариди калон ва маблағгузорӣ бубахшед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Агар шумо корҳои худро дуруст ба нақша гирифта тавонед, муваффақият насибатон мегардад. Асабонияти зиёд ва саросемагӣ бар зарари худатон аст. Рафтори беандеша боиси сар задани нохушиҳо гашта метавонад, ҳама корро пешакӣ ба нақша гиред.



Мизон
25.09 - 22.10

Назар ба ҳафтаи гузашта ҳафтаи нав барои зодагони бурҷи мизон бобарор меояд. Дар ҷодаи ишқу муҳаббат хеле воқеаҳои аҷиб рух медиҳанд. Шуморо ҳолате фаро мегирад, ки ҳар лаҳзаву ҳар соат дар орзуи дидори дӯстдоштаатон дилатон гум мезанад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои зодагони мучали ақраб ҳафтаи сафару саёҳатҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, васеъ сохтани ҷаҳонбинӣ ва меҳнати ақлонӣ фаро мерасад. Ин ҳафта ба маслиҳати атрофиён гӯш надиҳед, мушкилоти ҷиддӣ ва масъалаҳои муҳимро мустақилона ҳал намоед.



Қавс
25.11 - 21.12

Ин ҳафта дар ҳаёти ашхосе, ки дар бурҷи қавс ба дунё омадаанд, тағйироти куллӣ ба вуҷуд меояд. Воқеоти аҷибу хотирмони ҳафтаро то дергоҳ фаромӯш карда наметавонед. Хислати модарзодиятон шуморо ба ҳангомаву моҷароҷӯӣ ҷалб менамояд.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Ҷаддиҳо ба гуруҳи одамоне дохил мешаванд, ки дар ҳафтаи нав ба душвориҳо дучор мегарданд. Нохушиҳо балои аз таги по баромадагӣ барин ногаҳон пайдо мешаванд. Бехтараш аз ҷойҳои серодам гурехта, ба ягон кори муҳим даст назанед.



Далв
21.01 - 19.02

Далвҳо бояд ин ҳафта аз чизҳои хатарноку ба саломатияшон зиёновар дурӣ биҷӯянд. На ҳамаи афроди дар ин мох тавлидёфта рӯзгори осуда доранд. Айёме фаро расидааст, ки шумо бояд мушкилиҳои оилавиро дар мадди аввал гузоред.



Ҳут
20.02 - 20.03

Зодагони бурҷи ҳут ин ҳафта нисбати зодагони дигар бурҷҳо батолеъ ҳастанд. Мушкилиҳо худ ба худ гум мешаванд. Мабодо ягон масъалаи нохуш пайдо шавад ҳам, ҳутҳои зирак дарҳол роҳи ҳаллашро меёбанд. Рӯзи ҷумъа ҳутҳоро дар ҷодаи муҳаббат бурдборӣ интизор аст.



ФАСЛИ ХУРӮҶИ БЕМОРИҲО

Чӣ бояд кард, ки аз оризаҳои тирамоҳӣ эмин бошем?

Нимаи аввали моҳи октябр ҳавои муътадил ва нимаи дуюми моҳ пастшавии ҳарорат дар назар дошта шуда, боридани борони бошиддат пешгӯй мешавад. Ин тағйирёбии ҳаво ба вазъи саломатии одамони синну соли гуногун чӣ гуна таъсир мерасонад ва боиси авҷи кадом бемориҳои мавсимӣ мегардад?

Бемориҳои мавсимӣ кадомҳоянд?

Бо фарорасии фасли тирамоҳ, ки тағйирёбии зуд-зуди ҳаво, боду борон, намнокӣ оғоз мешавад, бемориҳои музмин ва зуком хурӯҷ мекунанд. Дар тирамоҳ ҳама бемориҳое, ки дар шакли музмин қарор доранд, шадидтар мешаванд ва ба руҳияи инсон таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баробари авҷи бемории зуком бемориҳои мавсимӣ, ба монанди хастагӣ, хоболудӣ, депрессияи тирамоҳӣ, касалиҳои вирусии роҳҳои болоии нафас, систит, бемориҳои системаи мушакҳо, ҳассосияти пӯст ва афзоиши вазн низ ба мушоҳида мерасанд.

Дар хотир бояд дошт, ки афсурдаҳолӣ ва асабоният метавонанд сабаби мушкилоти саломатӣ дар тирамоҳ бошанд. Аз ин рӯ, шумо бояд дар руҳияи мусбат зиндагӣ карданро ёд гиред ва аз ҳаёт лаззат баред. Ва муҳимтар аз ҳама, бидонед, ки мушкилии мавсимии саломатӣ метавонад муваффақона ҳал шавад, агар шумо сабаби пайдоиши онро саривақт фаҳмед.

Масунияти паст - сабаби беморӣ

Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши бемории мавсимӣ - ин системаи заифи иммунитет мебошад. Инчунин дар фасли тирамоҳ мубодилаи моддаҳо дар буниёи инсон камтар шуда, масунияти бадан ва тобоварии он ба аксари бемориҳо суст мешавад. Камтар шудани гармии офтоб, омезиши сардию гармии шабонарӯзӣ, фаро расидани сардиҳои субҳгоҳӣ ва дигар хусусияти табиии фасли тирамоҳ ба ин сабаб мегарданд.

Аз ин рӯ, шумо бояд тамоми сол барои саломатии худ ғамхорӣ кунед: аввалан бояд маҳсулоти табиӣ интихоб ва ғизои солим истеъмол кунед, дуруст истироҳат ва варзиш намоед. Фаромӯш набояд кард, ки дар ҳаёт омилҳои зиёди берунӣ мавҷуданд, ки системаи масуниятро доимо заиф мекунанд.

Чӣ бояд кард?

Ба гуфти мутахассис, барои пешгирии бемориҳои гуногун дар ин мавсим инсон бояд мутобиқи боду ҳаво либос пӯшад, то таъсири сардиҳои тирамоҳро ба бадани худ камтар созад. Дигар нуктаи муҳим - ин тағйири додани ғизо дар ин мавсим аст. Агар дар фасли тобистон одамон асосан нӯшокиҳои ташнагишикан ва хӯроки сабуки камравған истеъмол кунанд, дар тирамоҳу зимистон маводи серғизо ба бадани инсон фоидаи хуб дорад. Омили дигар - ин тағйири реҷаи рӯз, машқҳои варзишӣ ва истироҳату фароғат аст. Хурӯҷ кардани бемориҳои мавсимӣ асосан аз риоя накардани ана ҳамин талабот ва реҷаи рӯз маншаъ мегирад.

АНҶИР - ДАВОИ БЕМОРИИ АСАБ

Меваи анҷир серғизо мебошад ва дар таркибаш 12-28 фоиз қанд, инчунин сафеда, оҳар, витаминҳои гуногун, намакҳои органикӣ ва элементҳои оҳан, фосфор, калтсий, мис ва магний дорад.

Чунин таркиботи бойи химиявӣ ва хушбахшии меваи анҷир нишонаи хосияти баланди парҳезӣ ва шифобахшии он аст. Меваи анҷирро дар шакли тару тоза, хушконида ва шарбатҳои гуногун истеъмол мекунанд.

Анҷир манбаи мис мебошад, ки барои мубодилаи моддаҳо, ташаккули ҳуҷайраҳои сурхи хун, истеҳсоли нейротрансмиттерҳо ва бофтаи пайвандак муҳим аст.


Ғайр аз ин, дар анҷир витамини В6 ҳам мавҷуд буда, ин витамин ва дар кори системаи асаб истеъмол кардани анҷир барои системаи дилу раг муфид аст. Инчунин, анҷир аз витамини К бой аст, ки хусусияти таҳкими деворҳои рагҳо ва пешгирии тромбҳоро дорад. Ин меваи ширин аз клетчаткаҳо бой ва барои системаи ҳозима муҳим аст. Анҷир перестатилкаи рӯдаҳоро беҳтар мекунад ва баъзе бемориҳои системаи ҳозимаро пешгирӣ мекунад.

Гарчанде анҷир зараровар нест, аммо бо баъзе сабабҳо бояд ҳангоми истеъмол эҳтиёткор бошем. Азбаски он миқдори кофии шакарро дар бар мегирад, афзоиши миқдори шакар дар хун пас аз истеъмол ҳатто метавонад боиси диабети қанд гардад. Аммо чойе, ки аз барги анҷир тайёр карда мешавад, ба фарқ аз худи мева, миқдори шакарро дар организм назорат мекунад.

ВОРИСИ АРЗАНДАИ ИБНИ СИНО

Саидраҳмон Сулаймонов 75-сола шуд

Имрӯзҳо донишманд ва омӯзгори шаҳири сарфу наҳви забони арабӣ, тарҷумон, лексолог, луғатшиноси забардаст дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон, яке аз бунёдгузорони истилоҳотзоии илмии фалсафӣ дар заминаи мероси фалсафии Ибни Сино, ҳамзамон мутарҷими машҳури осори фалсафию мантиқӣ ва илмии Абӯалӣ ибни Сино, луғатсози луғати бисёрзабонаи арабӣ, русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ, доктори илмҳои филология, профессор Саидраҳмон Сулаймонов ба синни мубораки 75-солагӣ мерасад.



Саидраҳмон Сулаймонов зодаи ноҳияи Тоҷикобод буда, пас аз хатми мактаби миёна таҳсилоти хешро дар шуъбаи арабии факултети таърих ва филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон идома медиҳад. Аз соли 1972 то соли 1985 ба сифати ассисент ва баъдан ба унвони дотсенти кафедраи филологияи арабии факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба кори таълимиву илмӣ ва мутарҷимӣ машғул шудааст. Солҳои 1970-1971 дар Ҷумҳурии Арабии Яман ва соли 1980-1983 дар Ҷумҳурии Ироқ ба ҳайси мутарҷим кор кардааст. Солҳои 1985-1992 ба сифати ходими калони илмӣ ва солҳои 1992-2005 мудири «Шуъбаи тарҷума ва таҳияи мероси фалсафи»-и Пажуҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ шуда фаъолият намудааст. Баъдан дар вазифаи мудири кафедраи филологияи арабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2005-2012) кор кардааст.

Дар баробари ин, ӯ узви Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, узви Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва Либиё (Ливия), узви Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории илмҳои филологӣ, Узви вобастаи Академияи забони арабӣ дар Қоҳира мебошад.

Устод Сулаймонов Саидраҳмон дар тӯли умри худ дар се бахши умда - таълифу таҳқиқ, тарҷума ва омода намудани кадрҳои нави омӯзгорӣ саҳми беандоза гузоштааст. Яке аз таълифоти бузурги эшон “Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ” аст, ки фарогири 100 000 калима (вожа) мебошад. Барои таълифи ин асар устод 30 соли умри худро сарф намудааст, ки дар ҳақиқат як фарҳанги мондагор гаштааст. Навиди дигар ин аст, ки рӯзҳои наздик фарҳанги сезабонаи устод “Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ-русӣ” дар ҳаҷми 5 ҷилди китоб ба табъ хоҳад расид, ки ин ҳам маҳсули чандинсолаи кори устод дар самти луғатсозӣ мебошад.

Дар бахши тарҷума аз миёни ҳама корҳо Саидраҳмон Сулаймонов бештар ба омӯзиш ва тарҷумаи осори Абӯалӣ ибни Сино ва Абӯнасри Форобӣ машғул будааст. Аз бехтарин тарҷумаҳои он кас қисматҳо аз “Китоб ул-Мантиқ”-и Шифо ва “Наҷот”-и Ибни Сино, “Ҳикмат ул-машриқин”-и Шайхурраис мебошанд. Асари “Ҳикмат ул-машриқин” аввалин бор дар ҷаҳон аз арабӣ ба забони русӣ ва тоҷикӣ тарҷума шудааст. Аз намунаи тарҷумаҳои солҳои охири устод, ки бештар шуҳрат пайдо карданд, китобҳои “ал-Ҳайвон” ва “ан-Набот”-и Ибни Сино мебошад, ки Саидраҳмон Сулаймонов онро ҳам аввалин бор аз арабӣ ба тоҷикӣ ва русӣ тарҷума ва пешкаши муҳаққиқон намудааст. Инчунин, китоби “Алфоз”-и Абӯнасри Форобиро аз арабӣ ба русӣ тарҷума намудааст.

Бояд гуфт, ки устод дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ низ саҳм гузошта, 15 нафар зери роҳбарии эшон рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Т. МУРОДОВА,
номзади илмҳои фалсафа



Ифтихор, бузургӣ ва тавоноии миллатро илму фарҳанг муайян мекунад. Халқи тоҷик дар тӯли таърих фарзандонеро ба дунё овардааст, ки дар тамаддуни башарӣ хидматҳои мондагор карда, имрӯз боиси ифтихори мо ҳастанд.

ФИЗИК ВА ЛИРИК

ёде аз академик Шавкат Воҳидов

Яке аз чунин нафарон академик Шавкат Воҳидови самарқандӣ мебошад, ки дар рушди илми физика ва кайҳоншиносӣ дар Ӯзбекистон нақши мондагор гузошта, барои тарғиби адабиёти тоҷик низ хидматҳои бедареғ кардааст.

Физикдон, мутахассиси физикаи ҳастаӣ ва техникаи кайҳонӣ, доктори илмҳои физикаю математика (1973), профессор (1977), академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Воҳидов 11-уми октябри соли 1932 дар оилаи кимиёдон Аҳад Воҳидов дар Самарқанд таваллуд шудааст. Донишгоҳи давлатӣ (1955) ва аспирантураи Институти физикаю техникии АИ ҶШС Ӯзбекистонро (1959) хатм кардааст. То нафасҳои охирин дар Институти физикаи ядроии Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон фаъолияти пурсамар дошт ва дар илми физикаву кайҳоншиносӣ шуҳрати ҷаҳонӣ ба даст оварда.

Муаллифи 6 монография ва беш аз 300 мақолаи арзишманди илмӣ буда, 64 кашфиёти нодир ба номи ӯ сабт гардидааст. Натиҷаи таҳқиқот ва ихтироотии беназираш буд, ки ӯро ба узвияти чандин муассисаҳои бонуфузи илмии ҷаҳонӣ, аз ҷумла ба узвияти Академияи улуми Русия ва ИМА пазируфтанд. Таъсиси маркази нодири озмоиши дастгоҳҳои автоматӣ барои намунагирӣ аз хоки кайҳонӣ ва Мактаби байналмилалии кӯдаконаи аэрокосмос дар Ӯзбекистон низ маҳсули заҳмати Шавкат Воҳидов аст. Кам касон медонанд, ки ин олими номвар ба кайҳоннавардҳои озмоишӣ пеш аз парвоз дар космодроми Байконур ва дар маркази кайҳонии Ҷон Кеннеди дар Кейп Канаверали Амрико дарс ва маслиҳат медод. Номи ӯ дар таърихи Ӯзбекистон ва ҷаҳон ҳамчун олими барҷастаи физик дар асри XX абадан боқӣ мемонад.

Шавкат Воҳидов на танҳо дар рушди илмҳои дақиқ, балки дар тарғиби адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон хизматҳои зиёд кардааст. Ӯ ҳаёт ва эҷодиёти шоирони бузурги охири асри 19 ва аввали асри 20, аз қабили Сипандии Самарқандӣ, Писандии Самарқандӣ, Тамҳиди Самарқандӣ ва ғайраро омӯхта, осори онҳоро нашр кардааст. Ин шоирон дар давраи ҳассоси таърихӣ зиндагӣ ва баъди Инқилоби Октябр бештар пинҳонӣ эҷод кардаанд. Омӯзишу нашри осори эшон хизмати мондагори Шавкат Воҳидов аст. Ӯ ҳамчунин ҳунари хаттотии Самарқандро омӯхта, барои зинда кардани номи хаттотони маъруф Мулло Мирмуҳаммади Зарринқалам ва Тамҳиди Самарқандӣ корҳои шоён анҷом додааст.

Академик Шавкат Воҳидов агар зинда мебуд, соли равон 90-сола мешуд. Номбурда 11-уми марти соли 2008 аз олам даргузашт. Оромгоҳаш дар Самарқанд аст.

Ёдаш ба хайр!

С. ЁР

Тақвими ТОҶИКИСТОН

13-УМИ ОКТЯБР

АБДУЛЛО НАЗАРОВ (1922-1996), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

МУНАВВАРА МАХКАМОВА (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи таърих.

ПАРДА ҚОСИМОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

14-УМИ ОКТЯБР

МУМТОЗ УСМОНОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи тарҷумон, доктори илми филологӣ.

СВЕТЛАНА МУҲАММАДОВА (1952), 70-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

ФАРҲОД ДЕҲОТӢ (1942-1998), 80-солагии зодрӯзи арабшинос, олими соҳаи филология.

15-УМИ ОКТЯБР

КАРИМ РАҲИМ (1927-2010), 95-солагии зодрӯзи адиб, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

НИЗОМУДДИН МУҲАММАДНАЗАРОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

ИСМАТУЛЛО ЮЛДОШОВ (1937-1993), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

16-УМИ ОКТЯБР

ҶУРАХОН КАБИРОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ ва давлатӣ.

ҒАНӢ МУЛЛОЕВ (1912-1979), 110-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

17-УМИ ОКТЯБР

НИНА ЧУРКИНА (1912-1989), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

ҒУЛОМ ҶАББОРОВ (1917-1998), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

18-УМИ ОКТЯБР

УРОҚ ВАЛИЕВ (1912-1982), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

АБДУЛВОСИТ ШАРИФОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи адабиётшинос, олими соҳаи филология.

19-УМИ ОКТЯБР

САИДМУҲАММАД ОДИНАЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академик.

ШЕРМАҲМАД ҶОНМАҲМАДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

МИРАЗИМ ҒИЁСОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи таърих.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД! Тел: 221-00-84

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ФУТЗАЛ

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН БА ДАВРИ ФИНАЛИИ ҶОМИ ОСИЁ-2023 РОҲ ЁФТАНД

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) таҳти роҳбарии Раҳматулло Фузайлов дар мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 дар гуруҳи «Н» мақоми аввалро касб карда, ба қисми ниҳоии мусобиқа роҳ ёфт.



Вохӯриҳои ин марҳила дар ин гуруҳ бо ширкати дастаҳои мунтахаби наврасони Тоҷикистон, Афғонистон ва Муғулистон дар шаҳри Душанбе баргузор шуданд. Наврасони Тоҷикистон дар бозии якум дастаи Муғулистонро бо ҳисоби 3:0 мағлуб карданд. Дар даври ниҳоии даври интихобӣ наврасони Тоҷикистон бар ҳамсолони худ аз Афғонистон бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуданд. Голҳои Беҳрӯз Хуҷаев ва Диловари Ҷамшедзода се имтиёз оварданд.

Бояд гуфт, ки ба ҷуз аз тими наврасони Тоҷикистон (U-17) дастаи мунтахаби Афғонистон низ аз гуруҳи "Н" ба марҳилаи финалии Ҷоми Осиё-2023 роҳ ёфт. Ин даста дар бозӣ бо Муғулистон бо ҳисоби 5:0 пирӯз шуд ва аз Тоҷикистон бо натиҷаи 0:2 ном гардид.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН



МУСОВӢ ВА ПИРӮЗИИ ПЕШСАФИ ҶАДВАЛИ МУСОБИҚА

Бозиҳои даври ҳабдаҳуми Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд, ки дастаи пешсаф - «Истиқлол» бо «Эсхата» мусовӣ кард ва бар «Равшан»-и Кӯлоб пирӯз шуд.

8-уми октябр дастаҳои "Регар-ТадАЗ" ва КМВА мусовӣ (1:1) бозӣ карданд ва вохӯрии байни "Хатлон" ва "Истаравшан" бо ҳисоби 2:1 бар нафъи аввалӣ анҷом ёфт.

Ду бозии дигари давр рӯзи 9-уми октябр доир гардид. "Эсхата", ки дар аввали ҳафта дар бозии мавқуфмондаи даври чорум бо "Истиқлол" мусовӣ бозӣ кард, дар доираи бозиҳои даври 17 дар сафар дастаи "Файзканд"-ро шикаст дод - 1:3. Дар бозии дигар "Равшан"-и Зафаробод бар тими "Хуҷанд" пирӯз шуд - 2:1.

10-уми окятбр "Истиқлол" бо тими "Равшан"-и Кӯлоб вохӯрда, бо ҳисоби 2:0 ғолиб омад. Пас аз натиҷагирии 17 даври бозиҳо "Истиқлол" бо 35 хол дар садри ҷадвали мусобиқа қарор дорад. Ду дастаи вилояти Хатлон - "Хатлон" ва "Равшан" бо 27-холӣ дар сегонаи аввал мавқеъ доранд.

Бозиҳои даври 18-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон 21-23-юми октябр ба нақша гирифта шудаанд. Рӯзи аввал "Равшан" (Зафаробод) бо "Регар-ТадАЗ", рӯзи дуюм "Хуҷанд" бо "Эсхата", "Равшан" (Кӯлоб) бо "Хатлон" ва рӯзи сеюм "Истаравшан" бо "Файзканд", КМВА бо "Истиқлол" вомехӯранд.

15-уми октябр бозиҳои ҷавобии даври нимфинали Ҷоми Тоҷикистон-2022 баргузор мешавад. "Эсхата" бо "Истиқлол", "Куктош" бо "Хатлон" барои ба финал баромадан бозӣ мекунанд. Дар бозиҳои аввали даври нимфинал "Истиқлол" бар "Эсхата" ғалаба (1:0) карда, "Хатлон" ва "Куктош" мусовӣ (0:0) бозӣ карданд.

ҶУДО

НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ТОШКАНД

8 паҳлавони тоҷик дар Чемпионати қаҳонии ҷудо дар Тошканди Ӯзбекистон ба нокомӣ дучор шуданд. Дар ин миён танҳо ба Эмомалии Нуралӣ муяссар шуд, ки бо майдондории худ мухлисон ва коршиносони ҷудоро мафтун кунад.

Эмомалии Нуралӣ дар вазни 66 кг дар даври аввал озод буд ва дар даври дуюм бо ҷудокори кубагӣ Орландо Поланко нерӯсанҷӣ кард. Рақобати ҷудокорон то ба сонияҳои тилоӣ рафт ва Эмомалӣ тавонист, ки бо имтиёзи вазарӣ зафар ёбад.

Эмомалии Нуралӣ дар даври 3-юм муқобили Ҳифуми Абеи ҷопонӣ рақобат кард. Абе 2 маротиба чемпиони қаҳон, 10 маротиба чемпиони "Grand Slam" ва ғолиби Бозиҳои олимпӣ мебошад. Рақобати Эмомалӣ бо ин ҷудокори варзидаи ҷопонӣ то ба сонияҳои тилоӣ рафт. Ҳарчанд дар раванди рақобат Эмомалӣ чароҳат бардошт, аммо таслим нашуд ва то ба охир қаҳрамонона муқобили Абе мубориза бурд. 3 шидо сабаб шуду Эмомалӣ аз идомаи мусобиқа бенасиб монд.

Зери вазни то 73 кг ҷудокори дигари тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода дар даври аввал дар сонияҳои тилоӣ тавонист, ки бо як вазарӣ Аксус Бенҷамини фаронсавиро шикаст диҳад ва ба даври дуюм барояд. Дар даври дуюм Хоҷазода бо Виктор Стерпуи 23-сола аз кишвари Молдова сабқат кард ва бо натиҷаи иппон мағлуб шуд.

Муҳаммадраҳим Сарахонов дар даври аввал аз Нилс Стампи швейтсарӣ мағлуб шуд ва аз идомаи мусобиқа бенасиб монд.

Сомон Маҳмадбеков дар вазни -81 кг дар даври аввал бо намояндаи Канада Франкойс Гаузейр бо имтиёзи вазарӣ пирӯз шуд. Дар даври дуюм аз Шарофиддин Болтабоеви ӯзбек бо 3 шидо рақобатро бохт.

Шодмон Ризоев дар ин вазн рақобатҳоро дар даври дуюм оғоз кард. Ҳарифаш Ашраф Моутили марокашӣ буд, ки бо имтиёзи иппон муқобили Шодмон зафар ёфт.

Комроншоҳи Устопириён дар вазни -90 кг дар даври аввал бо Ивайлов Иванов аз Булғористон мубориза бурд ва бо як вазарӣ мағлуб шуд.

Ҷаҳонгир Мачидов дар ҳамин вазн дар даври аввал озод буд ва дар даври дуюм бо 3 шидо дар вақти тилоӣ рақобатро ба Станислав Гунченко аз Украина бохт.

Абӯбакри Акобир зери вазни то 100 кг дар даври аввал озод буд ва дар даври дуюм аз ҷудокори испанӣ Николоз Шеразадишвили бо се шидо сарафканда шуд.



ШИРКАТИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

Аз 13 то 16-уми октябр дар Кувайт Чемпионати варзиши сабуки Осиё миёни ҷавонони то 18-сола баргузор мешавад, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.

Ба иттилои Федератсияи варзиши сабуки Тоҷикистон, дар чемпионат иштироки 400 варзишгар аз 33 кишвари қора дар назар аст. Тоҷикистонро Абубакр Носиров ва Хусан Кулов намояндагӣ мекунанд.

Носиров дар мусобиқаи дав ба масофаи 200 метр ва Кулов дар дав ба масофаи 1500 метр иштирок мекунанд.

Чемпионат дар 40 намуд, аз қабили дав ба масофаҳои 100 м, 200 м, 400 м, 800 м, 1500 м, 3000 м, 5000 м, 110 м бо монеа миёни мардҳо, 400 м бо монеа, 2000 м бо монеа, ҷаҳиш ба дарозӣ, баландӣ, ҷаҳиши секарата, партоби диск, найза, гулӯла, гурз миёни мардону занон, даҳҳарба миёни мардон, инчунин эстафета доир мегардад.

ҚУРЪАКАШИИ МУСОБИҚАИ ФУТБОЛИ АВРУПО БАРГУЗОР ШУД

9-уми октябр дар шаҳри Франкфурти кишвари Олмон қуръакашии мусобиқаи интихобии Евро-2024 баргузор шуд. Ин мусобиқа аз 14-уми июн то 14 июли соли 2024 дар Олмон баргузор мешавад.

Натиҷаҳои қуръакашии Евро-2024:

Гуруҳи А: Испания, Шотландия, Норвегия, Гурҷистон, Кипр.

Гуруҳи В: Нидерланд, Фаронса, Ирландия, Юнон, Гибралтар.

Гуруҳи С: Италия, Англия, Украина, Македонияи Шимолӣ, Малта.

Гуруҳи D: Хорватия, Уэлс, Арманистон, Туркия, Латвия.

Гуруҳи Е: Лаҳистон, Чехия, Албания, Ҷазираҳои Фарер, Молдова.

Гуруҳи F: Белгия, Австрия, Шветсия, Озарбойҷон, Эстония.

Гуруҳи G: Маҷористон, Сербия, Черногория, Булғористон, Литва.

Гуруҳи Н: Дания, Финландия, Словения, Қазоқистон, Ирландияи Шимолӣ, Сан-Марино.

Гуруҳи I: Швейтсария, Исроил, Руминия, Косово, Белорус, Андорра.

Гуруҳи J: Португалия, Босния ва Ҳерсеговина, Исландия, Люксембург, Словакия, Лихтенштейн.

ШАКАРХАНД

“Ёрии таъҷилӣ”

Марде ба рақами “Ёрии таъҷилӣ” занг зада, мегӯяд:

- Алло! “Ёрии таъҷилӣ” аст? Ин ҷо аҳволи нафаре бад аст!

Дар ҷавоб мегӯянд:

- Ҳоло аҳволи кӣ хуб аст?

Кумак

Дар кӯча ҷавоне аз роҳгузар мепурсад:

- Ако, бахшиш, шумо ба ман роҳи беморхонаро нишон дода метавонед?

Роҳгузар мегӯяд:

- Медонед, фаҳмондан душвор аст, бехтараш ба саратон як мушт фароварда, “Ёрии таъҷилӣ”-ро даъват кунам, кори осонтар аст!

Трактор

Муаллимае аз деҳаи дурдаст дар интихоби шавҳар душворӣ мекашад. Дугонааш ба ӯ мегӯяд:

- Сафармоҳ, чаро нозу нуз карда мешинӣ, директори мактабро мегирӣ ё трактрчиямонро?

Сафармоҳ мегӯяд:

- Дугоначон, чӣ кор карданамро намедонам. Агар директорро гирам, ба зудӣ ба вазифаҳои болоӣ баромада метавонам, вале бе трактор ба мактаб расида наметавонам...

Равғани зиёдатӣ

Мард аз занаш мепурсад:

- Занак, ту дар баданат равғани зиёдатӣ дорӣ?

Зан ба қаҳр омада:

- Бале, дорам.

Мард аз саволи додааш пушаймон шуда, мегӯяд:

- Ин занакҷони ман ҳама чизро дорад-е!

Хушдоман

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Шоҳин, чаро ту хушдоманатро аз занат бештар дӯст медорӣ?

Шоҳин мегӯяд:

- Хушдоманам аз аввал зидди оиладор шудани мо буд!

Китоб

Зан китоберо мутолиа намуда, баногаҳ ба шавҳараш мегӯяд:

- Шармандагӣ, шармандагӣ!

Шавҳар ҳайрон шуда, мепурсад:

- Чӣ гап шудааст?

Зан мегӯяд:

- Суҳроб, тасаввур мекунӣ, ким-кадом Умари Хайём дар китоби худ шеърҳоеро чоп намудааст, ки ту замони шинос шуданамон ба ман бахшида будӣ!

Шукрона

Ҳамсояҳо бо тамасхур аз зани бешавҳар мепурсанд:

- Бе мард зистан бароят мушкил будагист?

Зан бо заҳрханд посух мегӯяд:

- Э не, шукронаи шавҳарони шумо!

Пушаймонӣ

Аз ҷавоне, ки нав хонадор шудааст, мепурсанд:

- Хайр, издивоҷ хуб будааст ё бад?

Ҷавон мегӯяд:

- Э напурсед. Сигор кашидану арақ хӯрдан мумкин нест, ба занҳо нигоҳ кардан мумкин нест!

Боз мепурсанд:

- Пушаймон шудай?


Ҷавон дар ҷавоб:

- Пушаймон шудан ҳам мумкин нест...

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



- Ман рӯйи порадеҳро дидан намехоҳам...
- Ман рӯйи порагирро дидан намехоҳам...



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

РУСИЯ РВП МЕДИҲАД?

Вазъи Русия баъди ҷанг бо Украина ҳамаро нигарон кардааст. Оё дар чунин шароити душвор солҳои оянда Русия ба шаҳрвандони Тоҷикистон РВП ва шаҳрвандӣ медода бошад?

САРҲАД, ноҳияи Шаҳристон

- Бо вучуди вазъи муташаннич сиёсӣ дар Русия пас аз шуруъи амалиёти вижаи низомӣ дар Украина Девони вазирони Русия дар соли 2023 барои шаҳрвандони хориҷӣ 13,5 ҳазор квота барои будубоши муваққатӣ дар ин кишварро тасвиб кард. Дар соли 2022 ин шумора 18 ҳазору 955 буд.

Ҳамчунин, зикр мегардад, ки квотаи захиравӣ дар Русия барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ 4060 иҷозатномаи иқомати муваққатиро ташкил медиҳад.

Иҷозатномаи иқомати муваққатӣ, маъмул ба "РВП", ҳуҷҷатест, ки ба шаҳрванди хориҷӣ имкони кору зиндагӣ дар Русия дар давоми 3 солро фароҳам мекунад.

Шаҳрванди хориҷӣ агар на камтар аз як сол дар асоси иҷозатномаи иқомати муваққатӣ дар Русия зиндагӣ кунад, метавонад довталаби иҷозатномаи иқомат ва баъдан шаҳрвандии кишвар шавад.

БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/ҳ 20202972400015101000
ҳ/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:
93-866-82-64, 918-66-82-64.